بسم الله الرحمن الرحيم

Дилафрӯз Қурбонӣ

# КИТОБИ ОРЗУҲО
## Дилнавиштаҳои Дили Тоҷик

Душанбе
«Адиб»
2014

**Сароғози гуфтор номи Худост,**
**Ки бахшандаву меҳрубон халқрост.**

Аз ҳама азизоне, ки дар роҳи пурфарози Адабиёт ва дар чопи ин китоб маслиҳатгару раҳбарам будаву ҳастанд, сипосгузорам.

Хусусан, аз волидайни азизам, ки меҳри суханро дар дилам парвариданд ва ҳамсари бузургворам, адиба Гули Зард ва бонуи суханвар Марямбонуи Фарғонӣ самимона сипосгузорам.

*Дили Тоҷик*

Муаллиф: **Дилафрӯз Қурбонӣ**
Виростор: **Мубашшир Акбарзод**
Тароҳии ҷилд: **Ромиш Шералӣ**
*Литографӣ,*
чоп ва саҳофӣ: **Офсет-империя**
Навбати чоп: **Аввал. 2014**
Адади нашр: **500**

ISBN 978-99947-2-387-4

## Пешгуфтор

## СУХАНИ ГУФТАНИЕ ДОРАД Ӯ

Мутолиаи навиштаҳои Дилафрӯзи Қурбониро, ки дар як дафтар гирд оварда, «Китоби орзуҳо» унвон додааст, дар чанд соат ба поён расонидам. Одатан, хондани асаре, ки забонаш равон набошад, бароям ниҳоят кори саъб аст, балки имконнопазир. Басо осори адибони машҳури ҷаҳонро, ки солҳо дар таманнои ба даст оварданашон месӯхтам, дар баргардониши тарҷумонҳои камҳунар ақаллан

то ним хонда натавониста, як сӯ гузоштаам. Чун наврохи ҷодаи душворписанди адабиёт – Дилафрӯзи Қурбонӣ ин маҷмӯаро пеш аз чоп ба дастам дод, то назари хешро ибоз дорам, тарсам низ ҳамин буд, ки то охир хонда натавонам. Хушбахтона, аз ин саҳфа ба он саҳфа мегузаштам, лаззати маънавӣ мебурдам, ҳамин тавр бехабар мондам, ки ба охирсухани он расида будам. Ба дил мегуфтам, ки «қисса кӯтоҳ асту афсӯс, шаб дароз».

Сабки нигориши хосе дорад Дилафрӯз. Ӯ дар асоси мушоҳидаҳои ҳаррӯза ҳикояҳои хурд-хурд менависад. Хонанда гоҳе жанри навиштаҳои муаллифро тафриқа карда наметавонад: достони хурд аст ё новелла, ёддошт аст ё пандномa? (Худи нигоранда низ дар ин боб ишорате накардааст.) Ба андешаи банда, ба кадом намуди адабӣ тааллуқ доштани чакидаи қалами адиб муҳим нест. Муҳим он бошад, ки ин бонуи хомабадаст ба дигарон сухани гуфтание дораду онро бо забони шевои сода рӯйи коғаз мерезад. Хонанда бо шавқ мутолиа мекунад ва баъди хатмаш дар атрофи он «дилнавиштаҳо», ки муаллифаш тахаллуси Дили Тоҷик дорад, ба андеша меафтад.

Рисолати нависанда, пеш аз ҳама, тарбияти инсони комил буда, ба мақсад он гаҳ мерасад, ки бо истифода аз таҷрибаи талху ширини зиндагӣ суханварӣ кунад, ҳунармандона сужаҳое офарад, ки новобаста ба гузашти давру замон қиматашон коста нагардад. Ва агар он нависанда бо ҳамаи сифоти мазкур бонуи хонадон, модари фарзандон ва бар замми ин дорандаи дипломи омӯзгорӣ бошад, ин рисолат бояд ба таври боиставу шоиста иҷро шавад. Маҷмӯае, ки дар даст доред, бо навиштае оғоз мегардад, ки «Ассалому алайкум» унвон шуда. Пас, Дилафрӯзи Қурбонӣ рисолати воқеии хешро амиқ дарк карда. Умедворам, ки хонандагон, бешак, баъди мутолиаи ҳикояҳои «Аҷаб зебост!», «Офатат бизанад, илоҳим!», «Хидмати бепул» ва чанди дигар ҳамназарам хоҳанд буд.

Банда аз рӯйи табиати қалами хеш аксаран воқеаҳоро бо пирӯзиҳои қаҳрамонон анҷом мебахшам. Вале чӣ метавон кард, ки зиндагӣ оганда аз хайру шарр аст. Баъзан воқеаву ҳодисаҳое рӯй медиҳанд, ки ... «Худо туро бубахшад» – сужаи ин достони хурд чанд лаҳзаи охири ҳаёти Саодат ном модари ҷавони

баргаштабахтро бозгӯйӣ мекунад, ки дар назари аввал аз сабуксарии қаҳрамон дарак медиҳад. Модари ҷавон, ки дар сар падару модар ҳам дорад, бо як таънаи ноҷои шахси сабукмағзе (аслан ин баҳона бояд бошад, на сабаб) худро оташ мезанад. Табиист, ки ӯ аз карда пушаймон ҳам мешаваду дар дами марг пеши зодмандон узр ҳам мехоҳад. Ба андешаи камина, агар муаллиф дунёи ботинии Саодатро пеши хонандааш мекушод, сабаби аслии дар лаҳзаи «аффект» ба худсӯзӣ даст задани қаҳрамони хешро ошкор месохт, комёб мешуд.

Дар зеҳни ҳар соҳиби қалам баъди хондани асари воқеан арзанда чунин фикр пайдо мешавад: «Кош ин чакидаи қалами ман мебуд...» Ба пиндори ин ҷониб, ҳамин ҳавасхӯриҳо (на ҳасадхӯриҳо) дар адабиёти мо боиси ба миён омадани мухаммасбандиҳову тазмин карданҳо бар ғазалиёти шоирони бузург гардидааст. Дар наср низ гоҳе чунин ҳолатҳо рух медиҳанд. Яъне, нависандагон низ аз ҳамдигар илҳом мегиранд. Ҳикояи басо ширини «Китоби орзу» ҳам, чунонки Дилафрӯзи Қурбонӣ дар поварақ ишорат кар-

даast, пас аз мутолиаи «Қиссаҳои Маҷид»-и Ҳушанги Муродии Кирмонӣ эҷод шудааст. Дуо мекунем, ки омӯзишҳо аз ин ҳам бештару хубтар самар диҳанд, доираи мавзӯъҳои ҳикояҳои ин эҷодкор васеъ гардад. Дилафрӯзи мо чун ағлаб бонувони насрнавис дар нимароҳи фаъолият хастагӣ эҳсос накунад, аз пайи сайқал додани истеъдоди хеш дар талош бошад, то қуллаи баланди эҷодиро фатҳ кунад ва пас аз нахусткитобаш, ки бо таманно «Китоби орзуҳо» номидааст, осори зиёде ба дасти китобдӯстон расонад.

***Марямбонуи Фарғонӣ,***
*нависанда, шоира ва барандаи*
*ҷоизаи ба номи С. Айнӣ*
*3.05.2014.*

## Ассалому алайкум

Бисёр саросемаву бо табъи гирифта сари роҳ баромадам. Дилам хиҷил буд, ки ташхиси супоридаам, бо чӣ натиҷа анҷом мешавад? Оё тахмини духтур тасдиқ мешавад ё рад? Худоё, фақат тасдиқ нашавад.

Дер шуда истодааст. Аввалин таксии пешомадаи холиро боздоштаму зуд нишаста, барои дақиқтар фаҳмидани вақт ба соати телефонам назар андохтам. Ин дам садое ба гӯшам расид, аммо сухани гӯяндаро нафаҳмидам.

Чизе гуфтӣ, додарҷон? – муроҷиат кардам ба ронанда.

– Гуфтам, ки ассалому алайкум, апа, рӯзатон ба хайр! – посух дод ӯ.

Фикр кардам, аз хешон ё пайвандони дурест, ки барои ман ношинос аст. Синчакорона каме нигоҳ кардам, вале ҳеҷ нашинохтам, ки нашинохтам. Бинобар ин пурсидам:

– Бибахшед додарҷон, шуморо нашинохтам...

– Ман хешу табор ё аз шиносҳои шумо нестам, танҳо одатам ин аст, ки бо касе рӯ ба рӯ шавам ё ба мусофиронам ҳатман салом медиҳам. Албатта, аз як тараф бигирем, ҳамаамон фарзандони Бобои Одам ҳастему бо ҳам пайвандии азалӣ дорем, вале ин нуктаро дерест фаромӯш кардаем. Қариб ҳама шахсоне, ки саломашон медиҳам, аввал ҳайрон мешаванд, ки чаро саломашон додам, бовар мекунед, апа?...

Ростӣ, чаро мо вақтҳои охир ин расмҳои хуб – салом додан, рӯз ба хайр, шаби хуш орзу намуданро тақрибан фаромӯш кардаем? Ба ҷои салом «Чӣ хелӣ»-ро истифода мебарем, ки на он қадар гӯшнавозу мувофиқи мақсад мебошад. Агар аввал салом диҳему пас аз он пур-

сем, ки: «чӣ хелӣ?», бисёр хуб мебуд. Дар ҳоле ки салом додан аз нигоҳи дини мубини Ислом мустаҳаб асту посухи он аз воҷибот ба ҳисоб меравад. Саломро қарзи Худо мегӯянд, саломи касеро ба касе расондан низ қарз мебошад, яъне, онро ҳатман бояд расонем, то дар дӯшамон қарз намонад. Дар деҳаҳо ва маҳаллаҳои хурдтар, ки ҳама сокинон маъмулан якдигарро мешиносанд, ба ҳам салом медиҳанд, ҳатто, ба шахсоне ҳам, ки намешиносанду ноошноянд. Вале тасаввур кунед, агар дар шаҳри Душанбе ба роҳгузаре ё умуман одамони ношиноси атрофамон, салом диҳем, бегумон, моро девонаву ба қавли маъруф «бешарик ва 99» мешуморанд.

Субҳ ба хайр, рӯз ба хайр, шом ба хайр - талаби хайр намудан ба атрофиён яке аз беҳтарин амалҳост. Дар бисёре аз кишварҳо, аз ҷумла Россия ин гуфтаҳо ба ҳукми анъана даромадаанд ва ҳамеша мавриди истифода қарор мегиранд. Солҳои зиндагиям дар Россия инро зиёд мушоҳида кардаам. Ҳангоми субҳ аз хоб бархостан ҳатман аҳли хонавода ба якдигар «Доброе утро» (субҳ ба хайр), рӯзона «Добрый день» (рӯз ба хайр), ҳангоми шом «Добрый вечер» (шом ба хайр) гуфта, рӯзи хушу

бобарорро ба ҳам орзу мекунанд. Агар ин амалро фаромӯш кунанд, ҳатман дигарӣ ёдрасаш мекунад: чӣ шуд, забонатро хурдӣ магар, ки қоидаи одамгариро ба ҷо намеорӣ?

Дар кӯчаву хиёбон низ ин расмро ба таври ҷиддӣ иҷро мекунанд. Дар ҳолати дӯсту ошно ё хешу таборро вохӯрдан ҳатман «Здравствуйте» гуфта, аз якдигар аҳволпурсӣ мекунанд. Агар дурусттар диққат кунем, решаи ин калима «Здрав» аз калимаи «Здоровье» иборат аст, ки маъноящ «Саломатӣ» мебошад. Вақте мегӯянд, «Здравствуйте», яъне, «ба шумо саломатӣ мехоҳем». Ҳамон «Ассалому алайкум»-и мо. Ҷавонони рус ба ҷои салом, бештар «привет»-ро ба кор мебаранд, ки мутаассифона, дар ҷавонони мо низ ин калима истифодаи зиёд дорад.

Дар мо агар муҳитҳои кориро ба назар нагирем, дар хонаву манзил ин қоидаҳо кам ба чашм мехӯранд. Ҳатто ҳолатҳое мушоҳида мешаванд, ки вақте як нафар аз аъзои хонавода ба дигарӣ салом диҳад ё рӯзи хушу шаби хуш орзу намояд, мавриди хандаву тамасхур ва истеҳзои атрофиён қарор мегирад.

«Оҳо, ин шаҳрӣ шудааст-ку! Худашро «културний» мегирад!» – гуфта механданд, ки

ин ҷои таассуф аст. Ақидаи ғалате дар мо рушд кардааст, ки гӯё ба ҷо овардани ин таомули арзишманд танҳо хосси мардуми шаҳрнишин бошад. Орзуи хайру баракат ва саломатӣ намудан ба якдигар, ба шаҳрӣ ва рустоӣ будани шахс чӣ вобастагӣ дорад, ман намедонам...

Ҳамкоре доштем бо номи Сайфиддин. Ҳар рӯз, ҳангоми ба кор омадан бо ҳама ҳамкорон самимона салому алайк карда, ҳолу аҳвол мепурсид ва мегуфт: «Рӯзатон ба хайру шодӣ бод!» Ин амалро ҳамеша такрор мекард, тарки одат надошт. Танҳо ҳамин як сухани хуш як муҳити босафову сарҳолиро ба вуҷуд меовард. Дигаронро намедонам, шахсан барои ман боиси эҳсоси рӯҳбаландӣ мегашт, ҳарчанд баъзеҳо лабхандҳои маънидоре мезаданд, ба маънии нақс доштани асабҳояш. Охир, ӯ тамоман инсони солимақл буд, танҳо ба ҳама орзуву таманнои хушӣ дошт.

Ба ҷои шаби хуш орзу намудан, сухан ё гуфтаи «машҳур»-и дигаре дорем ва ҳамеша онро истифода мебарем: «Хайр, хобҳои индиский бибинӣ!» Яъне, чӣ? Аз «хобҳои индиский» мо чӣ фоидае мебинем? Дар сурате, ки зиндагии имрӯза бо ҳама заҳмату сахтиҳояш

аз «индиский» садҳо бор пурмоҷаротар аст ва ин бароямон кофист. Барои ҷисми хаставу афгори мо шабона «хоби хушу бофароғат» зарур аст, то ба фардои пурҷӯшу хурӯш бо қувваю нерӯи тоза қадам бардорем.

– Апа, ба Қароболо расидем! – гуфтани ронанда риштаи хаёлҳоямро канд. Ҳисобӣ карда, бо гомҳои қавию устувор тарафи бинои лозимӣ ҳаракат кардам. Аз ғаму ғуссаам хабаре набуд, мисли абрҳои баҳории зудгузар осмони диламро кушоданд. Офтоби умеду орзу ва хушбахтӣ дар замирам партавфишонӣ мекард. Ин ҳама натиҷаи таъсири сеҳрангези як «Салом» буд. Иншоаллоҳ саломатӣ бар ман бармегардад!

Бешак дар гирдоби пуршиддати зиндагӣ дармонда, аз баъзе дастуроти воқеъан судманду арзишманд сарфи назар менамоем. Дар ҳоле, ки он чизе ба мо бештар зарур асту ба он ниёз дорем, саломатию хайру баракат мебошад. Бинобар ин, лозим мешуморам, ки дар сароғози ин дафтар ба хонандагонам чунин муроҷиат кунам: «Ассалому алайкум, рӯзатон ба хайр»!!!

## Китоби орзу

Барои харидани баъзе майда-чайдаҳо ба мағозаи акаи Саидвалӣ даромадам. Аз китоби паҳлӯи тарозуяш, варақеро даронда, маводи лозимиро ба он мепечонд. Фурӯшанда пулашро ҳисоб намуд. Маблағи даркориро супоридам. Ба хона расида, халтаи хӯроквориро ба дасти бибиям додам. Айёми таътил буд. Ман ҳам «аз бекорӣ кадукорӣ гуфта», он варақҳоеро, ки акаи Саидвалӣ харидаҳои ман-

ро печонда буд, шурӯъ ба хондан кардам. Аслан бибиям чизҳои он халтаро холӣ карда, ба ман дода, фармуд, ки ба сатили партовҳо андозам. Аммо ман ба хубӣ тозаашон кардам. Шумурда дидам, ки аз 8 саҳифа иборатанд. Шурӯъ намудам ба хондан. Бо завқу ҳаваси беандоза мехондам, вале тоза ба ҷои ҷолибаш расида будам, ки варақҳо тамом шуданд. Қисса нотамом монд. Эҳ, аҷаб коре шуд. Ҷои ҳаяҷонангезу аҷибаш омада буд. Дар борաи писараке сухан мерафт, ки мехост аз хонаи падарӣ гурезад, вале метарсид. Дар охир ба ин қарор меояд, ки бояд гурезад ва аз хона берун мешавад. Мехостам бидонам, ки давомаш бо чӣ меанҷомад. Давида ба дукони акаи Саидвалӣ рафтам.

– Акаи Саидвалӣ, ҳамонро китобро агар медодед, зуд хонда бармегардондам – гуфтамаш.

– Кадом китобро? – сарфаҳм нарафта пурсид ӯ.

– Ҳамон китобе, ки наздатон ҳаст.

– Нафаҳмидам, ту чиро дар назар дорӣ? Охир, ман китобфурӯш набошам, – ба кораш машғул гашта, аслан ба гуфтаҳои ман сарфаҳм намерафт акаи Саидвалӣ.

– Акаи Саидвалӣ, илтимос, ҳамон китоберо, ки варақҳояшро даронда ҳар чиз мепечонед, ба ман бидиҳед.

– Ман китоб-питоб надорам, бирав дар вақти кор ғам нате, бача!

Ман барои он, ки каме дилашро мулоим кунам, ба тоза намудани болои мизаш машғул гаштам. Чанд бори дигар низ хоҳишамро такрор кардам. Вале ӯ ё кораш зиёд буд, ё хушаш намедод, ки аз паи иҷрои илтимоси ман шавад. Худашро ба нодонӣ андохта корро кашол медод. Ман ҳам барои дилашро ба даст овардан, боз ҳам бо саъю талоши беандоза ёрияш мекардам. Ин лаҳза хостам заҳматамро бибинад ва рӯи мизи пешашро бо тамоми қувват пуф кардам. Аммо гарду хок ба боло нарафта, рост ҷониби акаи Саидвалӣ равон гашт, ки ин замон хам шуда, як қуттӣ қандро аз замин ме-

бардошт. Аз тарс дар ҷоям шах шудам.

– Эъ бача, ту чӣ кор карда истодаӣ? Охир, болои миз пур аз заррачаҳои намак буд. Акнун чашмонам гӯё дар алов месӯзанд!!! – бо дасто-наш чашмонашро молида бо алам гуфт ӯ.

Давида рафта аз хонаамон, ки ба мағоза хеле наздик буд, як косаи калони мисиро пури об карда овардам. Мехостам чашмонашро бишӯям, то шояд каме ба дардаш сабукӣ биё-рад. Пешаш расидам. Нав овоз бароварда, мақсадамро гуфтанӣ будам, ки дастонашро баланд бардошт ва косаи дасти манро аз пуш-таш зада ба замин афтонд. Оби коса ба рӯи қутии қандҳо рехта, онҳоро тар кард. Дигар акаи Саидвалӣ дар ҳолати вазнини асабоният қарор дошт. Ҳар чӣ ба ин тарафу он тараф ни-гарист, чизи муносибе наёфт, ки ба сари ман партояд. Қаблан ба фикраш нарасида буд, ки чубе ё чизи дигареро, барои ин гуна рӯзҳо омода намояд. Ҳанӯз ҳам чашмонаш месӯхтанд ва ӯ онҳоро мемолид. Ногоҳ чаш-мам ба китобе бархӯрд. Давида гирифтамаш.

Акаи Саидвалӣ чашмонашро кушод ва маро дар даруни дукон дида, дар ғазаб шуд.

– Аз дукон берун шав, тирмизак! – бо ситеза гуфт.

– Аз барои Худо, гизала нашавед, ман онро хонда зуд бармегардонам, – гуфта, аз дуконаш берун давидам. Ин дам китоб аз дастам лағжида, ба ҷӯе, ки аз назди дуконаш мегузашт, афтод. Оби ҷӯй хеле чиркин буд. Зуд китобро чун дурри гаронбаҳо аз ҷӯй бардоштам.

– Ҳоло ист, ин нағмаҳоятро ба бибият мегӯям, – медонист, ки аз бибиям мурданивор метарсам, бинобар ин аз пушти сарам дод зада, маро ӯ чунин таҳдид кард.

Ман бо китоби дастам ба хона не, ба боғи шаҳрӣ рафта, оби тозае ёфтам ва китобро пок кардам. Шурӯъ ба хондан намудам. Вале ҳайҳот, тарбузам аз бағал афтид. Китоб он саҳифаҳои даркориро надошт, ки надошт. Бо ҳазорон яъсу ноумедӣ бараш гардондам. Фақат номи онро хонда аз ёд кардам, то аз ҷое навашро пайдо намуда бихонам. Акаи Саидвалӣ

маълум, ки ба бибиям чизе нагуфта буд.

Рӯзи дигар тамоми китобфурӯшиҳо ва китобхонаҳои шаҳрро гаштам, вале бефоида. Он китоби орзуҳоро наёфтам, ки наёфтам. Ташнаеро мемондам, ки ба лабонаш намӣ додаанду нагузоштаанд, то ба серӣ об нӯшад. Бовар кунед, ҳанӯз шавқи хондани давоми он қисса, ки «Фирор аз кӯҳистон» ном дошт, дар дилам ҷӯш мезанад. Чандин бор хостам ин қиссаро худам навишта бихонам, то бидонам ҳоли он писарак чӣ шуд?! Навиштам, вале писандам наомад ва онро пора кардам. Ба ин хотир худам ба навиштан машғул шудам. Ҷустуҷӯи китоб сабаб шуд, ки ба олами зебои китоб ворид шавам. Ба умри сипарӣ кардаам нигаристаму навиштам ва боз ҳам навиштам.

*(Бо илҳом аз китоби «Қиссаҳои Маҷид»-и Ҳушанги Муродии Кирмонӣ.)*

## Ангуштарӣ

Аз назди дуконҳои тилофурӯшии бозори Корвон мегузаштем. Ҷавонмардони синну солашон гуногун зуд моро иҳота намуда «Тило мехарем, апа, тилои фурӯшӣ дорӣ? Ман қимат мехарамаш»-гӯён ба ҳамдигар фурсати дуруст ҳарфзанӣ намедоданд. Бо азобе аз ҳалқаи онҳо раҳида, ба дӯконе даромадем, то дӯстам, ки мақсади ангуштарӣ харидан дошт, дихоҳашро барои худ интихоб кунад. Баъди давр задани якчанд дӯкони тилофурӯшӣ дар охир интихобаш рӯи як ангуштарии нигинсабз қарор ги-

рифт. Нарху наво кард, савдояшон пухт ва дар охири кор дӯстам музаффарона якеро ба ангӯшт кард ва аз банда пурсид:

– Чи тур аст ба назарат? Хеле зебост, ҳамин тавр не?

– Бале, бисёр зебид, муборак бошад, илоҳӣ, ҳамеша ба хурсандӣ истифода барӣ!

– Ташаккур, дӯстам, барои таманниёти нек! Акнун навбати ту! Биё, боз барои ту як давр мезанем. Бибинем, ту чӣ гунаашро announceмеписандӣ!

– Раҳмат, ман ангуштарӣ хариданӣ нестам, танҳо як рӯймолу як либоси махмали гулдор мегирам.

– Агар пулат нарасад, ман ҳамроҳам дорам, медиҳам, баъдан медиҳӣ.

– Не, мушкил сари пулаш нест.

– Пас, сари чист? Ман намефаҳмам, ҳоло он қадар пир нестӣ, аммо мисле, ки мурғи дилат дер боз мурдааст. На ороише мекунӣ, на рангу боре ба рӯят мезанӣ, на гӯшвореву на ангуштаре мекунӣ. Мисли кампирҳои асри нуздаҳум, шояд аз он ҳам пештар. Зани ҷавон бояд як зарра ба худаш аҳаммият диҳад, ба ху-

даш бирасад. Оҳой, дӯстам, боз язна ба ягон оимчаи «фасон» ҳушаш наравад. Он вақт пушаймон мешавӣ, аммо судат намекунад. Ё шояд язна намегузорад, ки худатро оро диҳӣ? Рашк мекунад? Хайр, росташро гӯй, асли воқеа чист?

– На ину на он.

– Чӣ тур на ину на он? Пас, чӣ?

– Эҳ, дугона, зеварбадбинии ман реша дар гузашта дорад, дар гузаштаи дур.

– Оҳо, хеле ҷолиб, бигӯ бишнавем, дӯстам.

– Ин қиссаи дуру дароз аст. Дар байни бозор намешавад онро нақл кард.

– Ман дар сари роҳ, берун аз бозор як қаҳвахонаи олӣ дидаам, он ҷо меравем. Сари як финҷон қаҳва нақли туро аз дилу ҷон гӯш мекунам.

Он вақтҳо хеле хурд будам. Шояд синфи як ҳам намехондам. Оре, дақиқ намехондам, чун соли аввали мактабрав шуданам, хоҳарам ба дунё омада буд. Аммо ҳангоми рух додани ин воқеа асаре аз Меҳрафрӯз набуд. Фарзанди аввалӣ будам дар хонадон. Ва табиист, ки ҳама лутфу меҳрубонии волидайни ғамхорам

танҳо нисори банда мегашт. Аз хурдӣ ба ман таваҷҷуҳ зиёд менамуданд, хусусан модарам, ки хеле зани ҳунарманду дӯзандаи хуб буд. Куртаҳое медӯхт, ки хеле зебову дилнишин буданд. Маҷаллаҳои ҳамонвақтаи даврони Шӯравиро варақ мезад, агар тарҳи пироҳане писандашон мешуд, ҳатман онро бароям медӯхт. Ба ман мепӯшонд ва бо ҳавас тамошо мекард. Ман аз ин гуна либосҳо зиёд доштам. Яъне, танҳо барои меҳмониравӣ набуданд. Дар бозӣ ҳам аз ҳамин гуна либосҳои зебои дӯхти модарам мепӯшидам. Аксари вақтҳо мавриди рашку ҳасади дугонаҳоям қарор мегирифтам.

– Ин куртаи русӣ дора, дар бозӣ танаш намегирем.

– Оҳо, дар ин ҷоҳояш банд бастай, ай қафош думаш мондиян, ҳа-ҳа-ҳа.

Мавҷи хандаи дӯстонам баланд мешуд ва ман музтару ҳайрон мемондам. Баъзан давида хона меомадаму бо гиряву шеван аз модарам талаб мекардам, ки он «дум»-ро бибурад.

– А, духта, ин тасмаи миёнаш аст, агар инро бибурем, безеб мешавад.

– Не очаҷон, бигираш, ҳама маро масхара кардестан, «дум дора» меган.

– Эҳ, девонача, онҳо, ки худашон ин гуна куртаи зебо надоранд, аз бахилӣ ҳар чӣ мегӯянд. Баъд ту ғам мехурӣ? Одам бояд фикри худашро дошта бошад. Ҳар коре, ки дар зиндагӣ бикунӣ, касе пайдо мешаваду ҳарфе ба ту мезанад, вале ту каллаи худатро кор фармо. Як ба сару либосҳои худашон аҳаммият бидеҳ, чӣ мепӯшанд. Як куртаро як ҳафта ба бар мекунанд, ки дар чирку хок гум мешавад. Ақалан ҳамонро тез-тез шӯста намепӯшанд, ки як зарра тозатар бошад, хушрӯтар бошад.

Баъди дилбардориҳои модарам каме оромтар шуда баргаштам сари бозиям.

– Клтата ай кҷо халидӣ, Дил? – пурсид як дӯсти аз ман хурдтарам бо ҳавас ба куртаам нигоҳ карда.

– Очам духтай.

– Кайфат, очаи ма ихелӣ духта наметона.

– Ягон «материал» биёр, ба очам мегӯм, то барои ту ҳам бидӯзад.

Аз шодӣ чашмонаш барқ заданд ва бо

аломати ризо сар ҷунбонд. Вале дере нагузашта, боз боиси хандаву мазоҳи дӯстонам қарор гирифтам. Ин дафъа ба хона омадам ва гиряро бардоштам, ки бандҳои остини куртаамро модарам бибуранд. Ҳарчанд модарам фаҳмонд, лекин ман ҳам ба хостаам истодагарӣ кардам. Модари бечораам ҷуз буридани бандҳои зебое, ки дар сари остинҳоям духта буд, дигар чорае надошт.

Тоқича ҳам доштам. Модарам, ки худ табиатан эҳсоси зебоипарастӣ дошт, оҳистаоҳиста тухми ин меҳрро дар қалби кӯчаки ман низ кошт. Ман ҳам дигар ба зоҳирам таваҷҷуҳ менамудам. Мекӯшидам ҳамеша тозаву озода бошам, сару рӯям ҳамеша шуста, мӯйҳои ҷингилаам доимо шоназада бошанд, ҳарчанд шона карданашон хеле барои ман сахту дардовар буд. Гоҳе ҳангоми саршӯӣ, вақте модарам ба мӯйҳоям шона мезад, мегиристам, чунки мӯйҳои дарозам дар шона печида дарди сахту ҷонкоҳе эҷод мекарданд. Дар аввали фасли баҳор, айёми гули бодом маро ба назди очаи Сафаргул бурданд, то гӯшҳоямро барои гӯшворандозӣ сӯрох намояд. Боз ҳам дард ка-

шидам. Дарди шадид. Аз ин дард якчанд моҳ азоб кашидам. Зоҳиран ҷои сӯрохкардааш хуб набудааст. Ба қавли калонтарҳо, дар рӯи раг сӯрох кардааст, ки то дергоҳ захмаш дуруст намешуд. Чанд вақт моро лозим омад, ки аз марҳами махсус барои ба ҳам овардани захм истифода кунем.

Рӯзе аз дарвозаи ҳавлӣ берун баромадам. Дар назди хонаамон дӯкони қишлоқ ҷойгир буд. Кунҷковона ба дари кушодааш нигаристам. Дар пештахтаи мағоза чизе дурахшид. Даромада дидам, ки ангуштарӣ будааст. Ангӯштарии хурдакаки оҳанин. Ҳамааш аз оҳан, вале ҷои нигинаш даврашакл сохта шуда, ранги сурхаш карда буданд. Мисле, ки нигини ангуштарӣ бошад. Хеле хушам омад. Дар дилам орзу кардам, аз ин дошта бошам. Омадам ба хона. Модарам машғули нонпазӣ буд.

– Чаро зуд баргаштӣ? Бозикунӣ мерам гуфта будӣ?

– Оча, дар магазин як чизак омадай!

– Чӣ омадай?

– Як чизи «фасон»!

– Хай, чӣ будаст он чизи «фасон»? Лента, курта ё туфлича?

– Чалла!

– Чалла?

– Ҳо, очаҷон, як чаллаи ҳамин қадар фасонай, ки то бас гуфтана. Мехарӣ?

– Бачам, ҳолӣ барои чаллахарии ту вақт бисёрай!

– Охир, очаҷон, мефорам дошта бошам.

– Не, гуфтам, не. Тамом, гапро зиёд накун.

Бо лабу рӯи кашол баргаштам ба кӯча барои бозикунӣ, аммо ҳушу ёдам банди он ангуштарии зебои нигинсурх буд. Билахира, чун дидам, ки волидайн барои хариди ангуштарии дилхоҳам ҳаракате нишон намедиҳанд, арзамро бурдам ба бибиям. Бибие, ки хеле дӯстам медошт ва ҳар нозамро ба ҷон мехарид.

– Чиба отату очат нахариданд?

– Очам мега, ҳоло барои чаллакунии ту барвақт аст.

– Хай, ҳамин хел, ки гуфта бошанд, дигар чӣ кор кунем? Хай, камтар бестем, баъдтар мехарем. Ман худам пенсама, ки гирифтам, ҳатман бароят мехарам.

– Охир, Фарангису Маърифат ҳам харидиян. Дар дасташон чанд рӯзай гаштестан.

– Онҳо харидиян? Доран? Оҳо, набераи ман чӣ камӣ доштааст, ки ҳама дугонаҳояш чалла кунанду ин надошта бошад? Маҳ, и сума бигиру брав, бхар!

– Мома, даррав очаму атаму нагӯ, майлаш?

– Чиба?

– Охир, баъд ҷангам мекунанд.

– Хай, ту имрӯз аввал бхар, дар дастат бкун, ман фардо худам ба онҳо мегӯм, ки ҷангат накунанд.

Шодикунон, ҷастухезкунон давида аз дарвоза берун шудам. Ба мағоза расида ҳашасзанон ба мағозачӣ гуфтам:

– Акаи магазинчӣ, ай ана ҳамин чаллаҳоят якто барои ман ҳам бидеҳ!

– Ҳамин оҳаниҳо?

– Ҳо, аз ҳамин нигинсурхҳо.

– Инҳо майдаанд барои чиликҳои ту.

– Хай, як размери калонтарашро бидеҳ.

– Ҳамааш як размерай.

Дудила шудам. Бигирам ё нагирам? Ҳар чӣ бодо, бод!

- Якташа бидеҳ, ака!

Он рӯз то бегоҳ хурсандии маро ҳадду канор набуд. Гӯё тамоми оламро бароям бахшидаанд. Ангуштариро ба ангуштам меандохтаму бо ҳавас менигаристам ва дилам лабрези фараҳ мешуд. Чӣ қадар зебост, чӣ қадар дилрабост. Хайр, як зарра тангтар ҳаст, вале ишколе надорад. Дар ангушти хурдиям онро андохта будам, чун дар дигар ангуштонам намедаромад. Чун қарор буд, то фардо волидайнам онро набинанд, албатта, аз онҳо пинҳонӣ ин амалҳоро анҷом медодам ва аз диданаш ба танҳоӣ ҳаловат мебурдам.

Шаб шуд. Ман шабҳо ҳамроҳи бибиям мехобидам. Ба гуфти худаш, «ҳамраҳаки момаш» будам. Пеш аз хобидан бибиям пурсид:

– Ку, чаллатро бинам, духтарам?

Ба дасташ гирифта:

– Оҳо, ин қадар хушрӯ будааст, лекин вақти хобидан онро аз чиликат бигир. Ҳангоми хоб одам бояд зару зеварашро бигираду баъд бихобад.

– Майлаш, момаҷон.

Аммо ба бозиею тамошояш саргарм шуда хобам бурдааст. Ангуштар дар ангуштам.

Саҳар бедор шуда, аввалин коре, ки кардам тафтиши чаллаам буд. Дар ҷояш меистод, вале ангуштам бисёр ғалатӣ менамуд. Хостам берунаш орам. Муваффақ нагаштам. Ҳангоми дастурӯшӯӣ ҳар чӣ кӯшидам, аммо бенатиҷа. Оҳиста-оҳиста дар ҷои ангӯштар дардро эҳсос кардам. Дастам дар бағалам ба хона даромадам. Гӯё ҳеҷ коре нашудааст, худамро ба даст гирифта, мисли ҳаррӯза ба хурдани субҳона машғул гаштам. Аммо мисли ҳаррӯза намешуд. Дард кори худашро мекард ва оромишамро аз ман мегирифт. Модарам пурсид:

– Чо кардӣ?

– Ҳичӣ.

– Чӣ хел ҳичӣ, дар рӯят ранг нест. Ягон ҷоят дард мекунад?

– Дастам, чалама наметонум брорум.

– Кадом чала? Оҳ, хок дар сарум, ин чи кори кардагитай? – ангушти варамкардаи маро дида ҳуш аз сари модарам парид. Зуд собуну об оварда, кафк кунонда, кӯшиши ангуштарро баровардан кард. Аммо бефоида. Ҳар чӣ талош ба харҷ дод, натиҷае набахшид. Ночор ба падарам, ки дар ҳавлӣ ба коре андармон

буд, мурочиат кард:

– Атаи Дил, дасти ин духтара бин, чӣ шудай?

– Ин чалара, ки дар дасташ кардай, тез бигиренаш. Барор аз дасташ!

– Ҳамин қадар мекунам, намешава.

Талошҳои падарам низ бесамар анҷомид. Баъди хеле андеша гуфт:

– Мо бояд ҳар чӣ тезтар ин чаларо аз чиликаш бигирем, вагарна варамаш бисёртар шуда, ҳолаш бад мешавад. Бо чанд асбоби оҳанбурӣ низ хост оҳанашро бурида партояд. Бо маҳзи даст расониданаш ба ангуштам нолаи ман ба фалак мепечид. Ночор монд. Баъдҳо фаҳмидам, чаро натавонист коре бикунад. Чун падар буд, таҳаммули шунидани доду фарёди дардолуди маро надошт. Қалби падаронааш инро намебардошт. Ин дам гӯё фикре ба сараш зад:

– Хонаи акаи Абдураззоқ биравен, ку, як бибинаш, чӣ мега? Оҳангарай шояд ягон роҳашро ёбад.

Акаи Абдураззоқ дар оҳангархонааш машғули кор буд. Аҷаб марди ҳунармандест.

Аз оҳан ҳар гуна асбобҳои лозимии рӯзгор – дос, корд, табар, бел ва ғайра месохт ва мушкили мардумро то ҳадде ҳал мекард. Ангушти варамкардаи маро бодиққат аз назар гузаронида, хулоса кард:

– Як роҳ дорад ин оҳанро ман бояд зуд бибурам, вагарна лаҳза ба лаҳза варам карда, ҳолашро бад мекунад.

Аз байни асбобҳои корияш як оҳанчаро гирифта, ангушти маро сахт дошта ба рӯи зонуяш гузошт. Додам ба осмон дакка хурд. Дастамро зуд кашидам. Боз дасташро дароз намуда, дастамро гирифта, рӯи зонуяш гузошт ва бо арра буридани ангуштариро оғоз намуд. Гиристам, фарёд задам ва боз дастамро аз зӯри дард кашидам. Дид, ки ин тавр кор хуб пеш намеравад, ба чашмонам нигоҳ карда гуфт:

– Чиба дастата мекашӣ?

– Дард мекуна, – посух додам гириста.

– Дард мекуна? Ҳоли дардро надидаӣ. Агар намонӣ, ки оҳанро ман бурида бигирам, туро мебаранд балнеса, ҳамин чиликта бурида мепартоянд. Баъд маззаи дардро мефаҳмӣ. Ӯра дард меган, ин дарди чиай? Ту духтари

зӯрӣ як дам тоқат мекунӣ, ман оҳанашро бурида мепартоям, ҷонат халос. Набоша отата мегӯм, ҳамун балнеса бибарат, чӣ коре, ки дилшона бфора, баъд мекунан. Хуб, чӣ кор кунам, оҳанро бибурам ё балнеса мерай?

Аз тасаввури ин, ки ангуштамро бурида мепартоянд, дар баданам мурғак дамид. Ростӣ, сахт тарсидам. Тарсидам, ки ангуштамро мебуранду боз дугонаҳоям: «Дили бечилик» гуфта масхараам мекунанд. Фикр карда ба ин хулоса расидам, ки оҳанро ҳамин акаи Абдураззоқ бурида партояд беҳтар аз он аст, ки як умр бечилик бимонам. Ночор бо аломати ризо сар ҷунбонидам ва акаи Абдураззоқ кори буриши оҳанро сар кард. Бояд иқрор кунам, ки хеле дардаш сахт буд. Худо ба сари душмани кас он рӯзи шумро наёварад. Ангуштарӣ дар байни ангушти варамкардаи ман гум шуда рафта буд. Акаи Абдураззоқ мисли заргарон зарра ба зарра онро мебурид. Хеле эҳтиёт мекард, аммо арраи оҳанбурӣ бисёр вақт ҳамроҳи ангуштарӣ ангушти маро низ кам-кам мебурид ва баъди чанде ҷои буридааш хуншор мешуд. Каме хунро тоза карда, акаи Абдураззоқ боз дубора ба

кораш идома медод. Аз дард ба худ мепечидам, аммо аз тарси он, ки ба духтурам баранд ва ангуштамро буранд, доду фарёд намекардам. Ростӣ, як далели дигари девонагӣ накарданам ин буд, ки якто-нимто ҳамсояҳо аз қазия огоҳ шуда, ба ҳавлии акаи Абдураззоқ меомаданд. Оҳувоҳкунон сар меҷунбониданд. Изҳори таассуф мекарданд: «Кори хуб нашудааст. Ягон балояш бикунен, набошад духтар бечилик мемона.» Чӣ гуна сар задани воқеаро аз модарам пурсон мешуданд. Модарам маҷбур буд, то ба ҳар яки онҳо, ки ба ҳавлӣ медаромаданд, ҳодисаро нақл кунад. Ман дар назди ин қадар издиҳоми зиёди ҳамсояҳо гиряву зориро ба худ ор медонистам, вале беовоз мегиристам. Аз зури дард ашки чашмонам мерафтанд. Бесадо, бегиря ҷорӣ мешуданд ба рухсораҳоям ва ман бо дасти дигарам онро пок мекардам. Фикр мекардам, ин азобам абадист. Ин қадар тӯл кашид. Гӯё сад сол аст, ки зери дарду ранҷ гирифторам. Ших-ших-шиху ших. Фақат як овоз дар гӯшам буд. Ин овози аррачаи оҳанбурии акаи усто то дер гоҳ дар гӯшҳоям садо медоданд. Пушаймон шудам. Ҳамин қадар пушай-

мон шудам, ки аз ин номаъқулии кардаам, ба забон наметавон онро баён сохт. Ба худ андешидам: «Агар аз ҳамин бало халос ёбам, дигар ҳаргиз номи ангуштарро ба забон намегирам, чӣ расад ба ангушт ё даст гирифтанаш.»

– Оҳ, Худоҷон маро аз ҳамин бало наҷот бидеҳ, дигар ин корро дар ҳаётам такрор намекунам.

Ин лаҳза садои хушҳолонаи акаи Абдураззоқ баланд шуд:

– Тамом! Ҷонат халос шуд. Ҳамин қадарак оҳанча, бибин, чӣ қадар туро азоб дод. Маҳ, бигираш, бибар дар хонатон «на память» баҷош кун ва ҳар вақт чалла карданӣ шудӣ, тамошояш кун!

Оҳи сабук кашидам. Дарду сӯзишаш ҷонамро ба танг оварда буд. Зуд аз ҷоям баланд шуда сӯи ҳавлиямон давидам. Хонаи усто аз манзили мо як хона он тарафтар аст, бинобар ин, зуд расидам. Падарамро дами дарвоза рӯ ба рӯ омадам. Азми куҷое рафтан дошт.

– Куҷо шуден? Алахон шудам! Чӣ кор карден? Дастатро чӣ гуфт акаи усто?

Ман ба ҳарф задан қодир набудам. Буғз

карда будам. Ҳама он гиряе, ки дар хонаи усто дар гулӯ саркӯб карда будам, роҳи баромад мехост ва сахт роҳи нафасамро фишор медод. Метарсидам, ки баробари лаб во кардан гиряам низ фаворазанон ба берун мерезад ва ман дигар наметавонам худро идора намоям. Намедонистам, чӣ кор кунам. Ин лаҳза модарам ҳам расид. Пурсиши падарамро мунтазир нашуда кӯтоҳ посух дод:

– Худоро шукр, ҳал шуд. Мушкил паси сар монд.

– Оҳо, ҷонам халос шуд бигӯй. Нағз, нағз, ку ин ҷо биё, ман бинам.

Хуни дастамро дида ҳуш аз сараш парид.

– Даррав бинту зелёнка биёр, дасташро бандем.

Ба эҳсосот despite дода шуда дубора ашки чашмонам равона гашт. Дастамро зуд бастанд. Ҳар ду дастамро ба дасташ гирифт. Падарам бо шухӣ пурсид:

– Боз чалла мекунӣ дар дастат?

– Не, дигар ҳеҷ вақт намекунам, – бо ҷиддият посухаш гардонидам ва худамро ба оғӯшаш партофта, то дилам холӣ шудан гири-

стам. Ва то ҳол бар он гуфтаам содиқ мондам. То имрӯз ба зару зевар, хусусан, ангуштарӣ чандон рағбат надорам.

Занги телефонам моро аз дунёи хотироти кӯдакӣ ба дунёи пурҷӯшу хурӯши имрӯзӣ баргардонд.

– *Дил*, куҷо шудӣ? Дер кардӣ, нигарон шудам. Хуб ҳастӣ? – шавҳарам дар ташвиш афтода буд.

– Ҳама чиз хуб аст, иншоаллоҳ, ним соат пас наздат мерасам, хотирҷамъ бош.

– Қаҳваатро бинӯш, баъд биравем, ҳарчанд то ту нақли чаллаатро ба поён расондӣ, хеле хунук ҳам гаштааст. Қаҳваи сардшударо сар кашидаму давидем пайи ташвишҳои зиндагии имрӯзӣ.

## Аҷаб зебост!

Аз шаб барф борид, то саҳар беист барф борид. Субҳгоҳон табиат аҷаб зоҳири зебову нотакроре дошт, шохҳои дарахтон ба мисли духтари зебо ва бошарму ҳаё аз гаронии барф хам зада, ангор, ба таъзими мо сар фуруд овардаанд. Дар ҳеҷ ҷо доғи замини хокӣ нест, балки аслан доғе нест. Замину замон куллан сафедпӯш шудааст, ба мулки сафедистон табдил гаштааст, диёри офтобиям. Маълумам шуд, ки илоҳаи покию иффат, таровату виқор ва табиби табиат зимистони нозанин ба кори

хеш шурӯъ кардааст. Хостам дар рӯи барфи сафеди нуқратоб, ки дурахши чашмхиракунандае дошт, худамро партофта, то дилам хунук шудан ғел бизанаму барфбозӣ кунам, аммо аз ягон-ягон ҳамсояҳо ва дигар шахсоне, ки дар атрофам гаштугузор мекарданд, шарм доштам. Худамро ба даст гирифтам ва ин хоҳишамро дар қаъри дилам саркӯб кардам. Эҳ, ёди айёми кӯдакии беғамона ба хайр, лекин афсӯс намехурам. Аз ҳавои тозаи зимистон жарф-жарф нафас кашидаму рӯҳу ҷонам дигар шуд, хаёлам, ҷони тозаву наве гирифтам. Ҳамин ҳавои тоза ҳам ғанимати бузургест. «Баъдтар бачаҳоро ба барфбозӣ мебарораму ормонҳои диламро мешиканам,» – дар фикрам ин барномаро тарҳрезӣ кардам.

Шукронагӯён ба Холиқи Якто аз боби ин неъмати гаронбаҳояш, болидарӯҳу сарҳол аз паи корам мерафтам. Интизор будам ин ҳадяро, сахт интизор будам. Чанд қадам гузоштаму ҳамсояи ҳамеша аз ҳаёт норозиям Нигора аз пешам шикваю нолишкунон баромад:

– Чӣ турӣ, ҳамсояҷон? Ин қадар барфи бисёр боридасте, э Худое-е, ин чӣ гапай, як майда камтаруш биборӣ, намешава? Охӣ,

намегӯйӣ, ин бандаҳои бечорат дар ин бебарқию беҳезумӣ чӣ рӯзи сахте ба саршон меоя? Ма ҳолӣ ба бачаҳома ягон либоси гарм нахаридам. Ту чӣ?

– Не, ҳамсоя, мо ҳам нахаридем, либосҳои порсолаашон барои имсолашон мешаванд, ту ҳам агар нахарӣ мешавад, соли гузашта якҷо харид карда будем-ку?

– Эҳ, бояд шуста ягон ҷо мегузоштам, аммо беҳавсалагӣ кардаму таг-таги по гашта, мисли ҷандапора гаштиян, акнун маҷбурам, ки аз сари нав бихарам.

– Либос мегӯяд: «Ту маро нигоҳ дор, ман туро шоҳ медорам». Айби зимистон нест, ҳар чӣ ҳаст айби худамон аст. Зимистонро бин, чӣ қадар зебову гуворост.

Каме аз бино дуртар бурдамаш. Панҷаи дастамро аз барфи сафеди дурахшон пур карда, ба сӯи Нигора бурдам ва гуфтам:

– Бибин, чӣ қадар дилрабост, сафедию ҷилояш чашмро мебарад. Мисли алмос медурахшад. Магар ин барф бо ин ҳама хубию покӣ бад буда метавонад? Туро намедонам, лекин барои ман барфи сафед мояи ҳамаи хушбахтиҳоям буду мемонад. Як лаҳза биё, даврони тифлиамонро пеши рӯ биёрем, шах-

сан худи ман бо ҳамсинфонам, ҳамин ки дарс тамом мешуд, ба назди хонаи акаи Қаноат медавидем, то каме ҳам бошад, дар майдони яхи пушти хонааш яхмолакбозӣ карда, диламонро тар созем.

Дар лабони Нигора табассум гул карду хаёлаш ба дунёи кӯдакияш парвозкунон рахти сафар баст:

– Эҳ, нагӯ, ҳамсояҷон, доим пинҳонӣ барф мехурдаму аз пасаш ай очам шаллоқ. Дар шифирҳои боми хона шӯшаҳои якметрӣ саҳарҳо пайдо мешуданд ва падарам онҳоро зуд нест мекард, ки мо нахӯрем, аммо ман доим якеро пинҳон карда, ҳангоми мактабравӣ мисли яхмос баҳузур лесида-лесида, ҳамсинфонамро сӯзонда мерафтам, лекин дар охир ба даст афтодаму падарам танбеҳи хубам дод. Бечораҳо метарсиданд, ки мо шамол хӯрда касал мешавем, барои ҳамин эҳтиёт мекарданд. Барфбозиҳора намегӯӣ? Барфшапаку лағжидани рӯи ях, як вақтҳо мехостам рақси рӯи яхро аз худ кунам. Аҷоиб дунёе доштем, аҷоиб хотираҳои хубе дорем аз барфу аз зимистон. Э, раҳмат, дугона, вақтамро аҷаб хуш кардӣ-да!

– Пас, зимистон зебост ё на?

– Албатта, зебост. Хеле зебост!

## Офатат бизанад, илоҳим

Баъди рӯзи корӣ хастаҷон ба хона бармегаштам. Назди хараки даромадгоҳи бино, ҳамсоям бо писарчаи дусолааш менишаст. Маро дидан замон саломам дод. Ман ҳам, ки чанд рӯз боз ӯро надида будам, аҳволпурсияш намудам. Ӯ мунтазири ҳамин суханҳои ман, лаб ба шиква кушод:

– Ҳамсояҷон, ин қадар шуморо дер-дер мебинем?!

– Корҳоям хеле зиёданд – ҷавоб додам.

– Хайр, ҳозир як дамак бишин чақ-чақ кунем, ин кори дунёро, ки бигӯӣ тамомшавӣ надорад. «Одаму дам» мегӯянд – гуфта ба хараки назди даромадгоҳ ишора намуд.

Ночор нишастам. Аз ҳар мавзӯъ сухан мекардем. Суҳбатамон қӯр гирифт. Росташ, ҳамсояи ташнаи «чақ-чақ»-у гапзанӣ ба ман имкони даҳонкушоӣ надода, беист ҳарф мезад. Ман ғайр аз хомӯш истодан ва ғайр аз дар ҷойҳои зарурӣ сар такон додан чораи дигаре надоштам. Ногоҳ садои гурӯҳи духтараконе, ки аз мо каме дуртар машғули бозӣ буданд, баланд шуд.

– Очаи Фаридун, бачат ғалтид.

Баробари дидани бачаи дар замин афтодааш ҳамсоязан давида ба болои сари бачааш рафт. Ҳангоме ки ӯро аз замин мебардошт, овозаш баланд шуд:

– Ҳай, Илоҳим офатат бизанад, сарут дар хок, мемурӣ, соз раҳ бигардӣ?!

Писарчаи дусола дар ҳоле, ки рӯи пояш рост шуд, аз тарс тамоми хокҳои либосҳояшро меафшонд. Вале қаҳру ғазаби модар лаҳза ба

лаҳза боло мегирифту то ҳадди тавону қувваташ дашному дуоҳои болохонадораш мекард. Ман ин вақт наздашон расидаму гуфтам:

– Охир, ин кӯдаки дусола чиро мефаҳмад, ки ин қадар дӯғу пӯписааш мекунӣ? Қасдан худашро ба замин напартофтааст-ку. Хайр, кӯдак афтидаву хеста калон мешавад, бисёр дуои бадаш накун.

Кӯдакро бардошта, ба назди даромадгоҳ овардам ва либосҳояшро дуруст кардам. Ин дам модараш ҳам ба наздамон расид. Ногоҳ чашмаш ба доғи лойолуди шимаш, ки дар сари зонуи кӯдак пайдо шуда буд, афтод ва боз фиғонаш дар осмон шуд:

– Оҳ, хокдарсар, ман дирӯз ҳамин шимро барои ту харида будам. Ҳоло ягон ҷо пӯшида нарафта, даррав доғдораш кардӣ. Хок бикашад туро, сағераи ғамдарсар....

Дигар таҳаммули шунидани дуоҳои бади модари «меҳрубон»-ро накарда, бидуни хайрухуш ба хонаам даромадам. Вале то дер гоҳ дуоҳои баду гӯшхароши очаи Фаридун дар

зеҳнам садо медоду ба асабам таъсир мекард.

Воқеъан чаро мо дар ҳаққи якдигар дуоҳои бад мекунем? Ҳамсоя ба ҳамсоя, дугона ба дугона, рафиқ ба рафиқ, зан ба шавҳар ва ғайра, ҳатто, модар ба фарзандаш раҳм накарда, аз хурдӣ дар ҳаққаш тамоми дуоҳои бади гӯшношунидро мекунад. Вақте фарзанд ба воя расида, ба мушкиле, ба мусибате гирифтор шуд, аз Худо домангир мешавем, ки:

– Барои кадом гуноҳамон? Чӣ хатое аз ман, аз фарзанди ман сар зад, ки ба ин мушкил, ба ин мусибат гирифторамон кардӣ?

Аввалан бояд фаромӯш накунем, ки дуо худ ибодат аст. Дар Қуръони маҷид, сураи Муъминун, ояти 60 чунин омадааст:

«Ва Парвардгори худатон фармуд: Маро бихонед, то шуморо иҷобат кунам. Касоне, ки аз ибодати ман (яъне дуо) истикбор меварзанд, зудо, ки ба хорию зорӣ вориди дӯзах шаванд».

Ҳазрати Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи васаллам) фармудаанд:»Дуо силоҳи муъмин, сутуни дин ва нури осмону замин аст».

Пас, дуо, ки силоҳи муъмин бошад, чаро

мо он аслиҳаро бар зидди худамон истифода мекунем? Дар ҳаққи ҳамдигар дуоҳои бадро дареғ намедорем? Мардум беҳуда намегӯянд: «нияти нек ними давлат». Бояд дар ҳаққи ҳама наздикон талаби хайр намоем. Нияти нек дошта бошем. Дуо кунем, ки Худо аз балову офатҳо ҳифзашон кунад. На ин, ки ин ҳама балову мусибатро барояшон худамон аз Худо бихоҳем. Охир модари гиромӣ, вақте фарзандат ғам дар сараш омад ё дар ягон мусибати дигаре гирифтор шуд, аввалин касе, ки дар ҳаққаш месӯзад, худат ҳастӣ! Хок бар сараш, ки гашт, пас, боз ҳам вой бар ҳоли зори ту! Дар ғаму ҳасрати фарзанд сӯхта кабоб мегардӣ. Ё сиёҳпичамаргаш ки бикушад, боз домани Худоро мегирӣ, чаро фарзандони дигарон истодаасту танҳо аз туро гирифтааст? Албатта, ин ҷо ба тақдир ҳам вобаста аст, вале Пайғомбарамон (саллаллоҳу алайҳи васаллам) иршод фармудаанд: «Ҷуз дуо ҳеҷ чиз наметавонад тақдирро иваз кунад ва ба ҷуз некӣ ҳеҷ чиз наметавонад умрро изофа кунад». Ё зане, ки ҳамсарро баъд аз баҳсу ҷанҷоли хонаводагӣ

рафтанаш мегӯяд: хуб шуд, ки рафт, дафъ шуд, figure паяш канда! Ин ҳолати асабоният ва сарвайронӣ зуд мегузарад ва боз хоҳони бозгашти шавҳар мегардем. Вале агар дуоямон мустаҷоб шуда бошад ва паяш аз хонаамон канда шавад, баъд дар он ҳол, «худкардаро даво нест».

Боре дар айёми кӯдакӣ бибиямро, ки аз хона берун мебаромад, «ваҳ» гуфта сахт тарсонидам. Бечора кампир интизори чунин садои баланди ногаҳонӣ набуд ва хеле ваҳмид. Дар ҳамон ҳолати ҳаяҷону тарс ногаҳон аз даҳонаш ин сухан баромад: «Эъ, хок дар сарут». Вале сонияе пас ба худ омаду аз ҳарфи гуфтааш пушаймон ба даргоҳи Илоҳӣ тавбаву надомат мекард:

– Худоё, Ҳаққо, Парвардигоро, аз гуноҳам бигзар, лаҳзае ғофил мондам. Шайтон васвасаам кард, Худоҷон, дуоямро бигардон, қабулаш накун, бибахшам.

Баъд гирякунон ба оғӯшам гирифту гуфт:

– Бачам, дигар ҳеҷ вақт ин аҳмақиро накун, фаҳмидӣ? Ба ин корат ҳам худатро дар

дуои бад гирифтор кардию ҳам маро гунаҳкор! Ба модарам ва дигар аҳли наздикону хешон таъкид мекард, ки дар ҳаққи якдигар дуои бад накунем.

– Хусусан дуои падару модар аз ҳама бештар таъсиргузораст ва зуд мустаҷоб мешавад. Бинобар ин дар ҳаққи бачаҳоятон фақат дуои нек кунед! – мегуфтанд.

– Охир, ин бачаҳо сарамонро вайрон мекунанд ва дар ҳоли асабоният чӣ гуфтанамонро худамон ҳам намедонем, – изҳори норизоӣ мекарданд пайвандон.

– Бисёр, ки газала шудӣ, ба ҷои гуфтани сиёҳпичамарг, эҳ, Худо бахтат диҳад бигӯ. Дар ҳамон ҳолати сарвайронӣ бояд худатро идора карда тавонӣ. Одами муъмин чӣ дорад? Сабр! – посухашон медод бибии раҳматиям.

Воқеъан, имрӯз асабҳои нозуки мо чунон хастае шудаанд, ки бо камтарин баҳонае борони дуову дашномро бар сари фарзандону наздикон мерезем. Фикр намекунем, ки бо ин амал ва рафтору гуфторамон теша бар решаи худ мезанем. Вақти он расидааст, ки лаҳзае,

сонияе ба тафаккур фурӯ равем. Бияндешем, ки оё меарзад барои як лаҳзаи кӯтоҳи асабоният наздиконамонро, дилу ҷонамонро ба гирдоби ғаму кулфату мушкилот гирифтор намоем? Албатта не! Бояд барояшон аз даргоҳи Илоҳӣ танҳо неъматҳо ва оромишро биталабем! Дуо кунем, ки Худованд дар паноҳаш нигаҳашон дорад. Чунон, ки Расуллулоҳ (саллаллоҳу алайҳи васаллам) мефармоянд: «Бе ҳеҷ шакке дар зоти олии Худованд сифати ҳаё зиёд аст ва бисёр зиёд атокунанда аст. Вақте инсон дастҳои ниёзи худро назди Парвардгор баланд мекунад, Аллоҳи бузург аз холию номурод баргардонидани дастҳои ӯ ҳаё мекунад, аз ин рӯ ҳатман ато мефармоянд». Ва итминон дошта бошем, ки дуои мо ҳатман ба даргоҳаш қабул мегардад.

## «Свидания» дар лифт

Баъд аз танафуси дуҳафтаӣ, ки бемории бистарӣ будам, дубора хостам ба дарсҳоям ҳусни оғоз бахшам. Ҳарчанд саломатиям чандон ба ҷо наомада буду мадору қуввати кофӣ надоштам. Шавҳарам ҳам изҳори нигаронӣ кард, ки як ду рӯзи дигар бистари бемориро таҳаммул кунам, то ҳолам беҳтар шаваду ба тамом ба худ биёям, вале гуфтам:

– Бибахш, дигар наметавонам дар хона бимонам, аз дарсҳо хеле ақиб мондаам, бояд биравам.

Бо як азоб худамро ба маркази омӯзишӣ расондам. Хушбахтона, сари вақт расидаму пеш аз муаллим вориди дарсхона шудам, аммо бадбахтона, аз дарс чизе бӯ набурдам. Ҳолам хуб набуд, лаҳза ба лаҳза бадтар мешуду нишастан бароям мушкилтар. Дарс, бе он ки лаззату баҳрае аз он бибарам, ба анҷом расиду ман ҷониби хона раҳсипор гаштам. Зимни рафтан ба хона тасаввур мекардам, ки чӣ гуна ба назди биноямон мерасам. Зуд ба лифт савор мешавам. Ба хона даромадан замон шикамсерӣ об сард нӯшида, худамро ба бистари нарм мепартоям. Аз барои он ки бемадорию беҳолиям аз як тараф, гармии тоқатфарсои тобистон аз тарафи дигар, корашонро карданд. Аз нақлиёт пиёда шудам. Тамоми қувватамро ҷамъ карда, қариб давон-давон худамро ба даромадгоҳ расондам. Ҳангоми вориди бино шудан духтаракеро дидам, ки дами дар меистод, вале ман ба ӯ таввачӯҳе накардам. Аз наздаш гузашта, ба дари лифт расидаму тугмаи онро бесаброна зер кардан гирифтам. Ҳар қадар зер кардаму интизорӣ кашидам, аз

лифт дараке набуд. Садояш меомад, ӯ ҳаракат мекард, вале ба ошёнаи якум намерасид. Аз ошёнаи дуюму сеюм гашта, боло мерафт. Дигар тамоман аз ҳол рафтам. Қуввати дар поям рост истодан надоштам. Ба девор такя задам, чунки сарам ба чарх задан даромаду пеши чашмонамро сиёҳӣ пахш кард. Гӯшҳоям фашшас овоз медоду дасту поям меларзид. Аз по афтоданам аниқ буд. Чашмонамро пӯшида, мунтазир будам. Лаҳзашуморӣ мекардам.Оҳ, чӣ қадар сахт буд интизорӣ.

Ин дам садое ба гӯшам расид, нафаҳмидам кӣ буду чӣ гуфт. Чашмонамро кушода, ба атрофам нигаристам. Ҳамон духтаракеро дидам, ки дами дар меистод. Даруntари даромадгоҳ омада буду чизе ба ман мегуфт. Суоломез ба сӯяш нигоҳ кардам, яъне:

– Чӣ мегӯӣ? Ӯ пештар омада, бо овози баланди шунаво гуфт:

– Дар лифт одам аст, интизор нашавед. Ӯ бисёр ҷиддӣ ва қотеъона ҳарф зад. Ман ҳайрон мондам, чӣ ҷавобаш бидиҳам, фақат ҳамин қадар садо аз ман баромад:

– Одам дар лифт ним соат чӣ кор мекунад?

– Хайр, як кор мекунанд – да, ба шумо чӣ?

– Наход ин қадар роҳашон дарозу тӯлонӣ бошад?

– Эҳе, роҳи онҳо нав сар шуду ҳоло хеле давом дорад!

– Яъне, чӣ нафаҳмидам?

– Эъ, наход то ин дараҷа кундзеҳн бошед? Ё бисёр доноед, ё бисёр нодон. Дар лифт «свидания» рафта истодааст.

– Магар лифт ҷои «свидания « аст?

Вале дигар ҷавобе нашунидам. Намедонам, чӣ қадар вақти дигар мунтазир будам. Ногоҳ эҳсос кардам, ҳолатам тағйир кард. Дигар худамро идора карда наметавонистам. Пойҳоям мадори маро бардоштан накарданд. Оҳиста-оҳиста ба танаи девор ғеҷида, поин шудаму чорзону нишастам. Аз дарди зиёд, хаёлам сарам метаркиду бо ҳарду дастонам онро фишор додан гирифтам. Ин дам садои духтаракро шунидам, ки мегуфт:

– Апа, ба шумо чӣ шуд? Касал шудед?

Чун ҷавобе нашунид, наздам чорзону нишаст. Дастамро ба дасташ гирифта, молида, боз пурсид:

– Апа маззатон нест?

Бо ишораи тасдиқ сар ҷунбондам. Ӯ чанд лаҳзаи аввал ҳайрон монд, ки чӣ кор кунад. Аммо баъд гӯё чизе ба хотираш расида бошад, боз саволам дод:

– Апа, аз ҳамин биноед? Дар ин ҷо зиндагӣ мекунӣ?

– Бале.

Духтарак зуд телефонашро бароварда, ба ҳамроҳонаш, яъне, онҳое, ки лифтро банд карда буданд, занг зада гуфт:

– Зуд лифтро озод кунед! Инҷо як касро ҳолаш бад шудааст, бо зинаҳо наметавонад боло равад, бояд бо лифт боло бароянд.

Ӯ гуфтугӯро ба охир расонда, гӯшияшро дар кифаш гузошт. Пешам омад. Маро аз зери бағалам гирифта, аз ҷоям хезонд ва интизори омадани лифт шуд. Ман ҳам охирин қувваамро ҷамъ карда, нигоҳамро ба дари лифт дӯхтам. Пас аз лаҳзае лифт ҳам омаду

дарҳои деринтизораш кушода шуд ва ҷуфте аз он берун шуданд. Духтар мӯйҳои парешонашро бо дастонаш шоназанон ҷамъ карда, ба тартиб медароварду писар сару либосашро. Вақте берун шуданд, ҳарду ба ман нигоҳи нафратангезе афканданд. Гӯё маломатам карданд, ки ба онҳо халал расонда, айшашонро талх кардам. Гӯё, гуноҳи азимеро ман содир карда бошам. Гӯё ин мисраъҳоро фаромӯш кардаанд:

*Ғофил манишин, на вақти бозист,*
*Вақти ҳунар асту сарфарозист.*

Воқеъан, ҳайфи ин лаҳзаҳои гаронбаҳои ҷавонӣ, ки чун аз даст рафт, дигар бо ҳеҷ қимате онро наметавон харид. Ҳайфи ин лаҳзаҳои арзишманди ҷавонӣ, ки онро ба «свидания» ва дигар корҳои беҳудаву нодаркор сарф мекунанд. Ин ҷои фикр кардан аст.

## Меҳри модарӣ

Дер боз аз ӯ хабаре надоштам. Дар яке аз рӯзҳои баҳорӣ занг зад.

– Салом, апаҷон!

– Салом, додари апаш! Нағзӣ? Созӣ?

– Шукри Худо, апаҷон! Худатон чӣ хел?

– Раҳмат, мо ҳам хубем, аммо туро хеле ёд кардем. Кай омаданӣ ҳастӣ, додарҷон?

– Эҳ, апаҷон, ман дар ин як-думоҳаи охир омаданӣ нестам. Ҳоло аниқ нест...

Садои тақ-тақи дар маҷбурам сохт, ки бигӯям:

– Дароед, дар кушода!

Дари дафтари корамро кушода, бародарам ворид гашт ва маро сахт ҳайратзада кард:

– Ту гуфтӣ ман дури дурам, дар ин рӯзҳои наздик омаданӣ нестам.

– Хостам, сюрприз кунам, апаҷон!

Аз ҳавои мусоиду гуворои фасли арӯси сол ҳаловат бурданӣ шудем. Пои пиёда қадамзанон ба ҷои таксиҳои ноҳия мерафтем, ки ҳодисаи шавқоваре диққати моро ҷалб кард ва лаҳзае аз рафтан боздошт. Ду майнаи зебо бо ҳам гӯё суҳбат мекарданд, агар аниқтар бигӯям, сари кадом масъалаи муҳимме «маслиҳат доштанд.» Вале ҳеҷ не, ки ба як қароре расида тавонанд. Ногаҳон яке аз майнаҳо, ки ҷисман бузургтар ва бокитфу бозу буд, қоматашро рост карда, сарашро бардошт ва болҳояшро кушода, хамёза кашид. Аз рафтораш маълум мешуд, ӯ марди хонадон, яъне шавҳари ин Майна-хонуми серҳарат аст. Майна-ака болҳояшашро ба пушташ гузошта, каме

андешакунон ин тарафу он тараф қадам зад. Ангор, ба фикри амиқе саргарм асту сари мушкилоти муҳимме майнаи сар об мекунад. Айнан монанди баъзе раисҳои мо, ки бо симои мутафаккирона дар байни мардум гаштанро дӯст медоранд. Чанд сония ин тавр сипарӣ гашт, чанд сонияе, ки дар назари Майна-хонум ба андозаи сол давом дошт. Дар охир ӯ дигар сабру тоқатро аз даст дода, боз ба сӯхангӯӣ пардохт. Ҷив-ҷивкунон дар атрофи шавҳараш мисли мурғи посӯхта мечархид. Мегуфту мегуфту мегуфт. Росташ аз ин баҳси оилавии онҳо мо як калимаашро ҳам намефаҳмидем. Кош аз илми ҳазрати Сулаймони пайғомбар заррае ба мо ҳам насиб мешуд, то аз омилҳои мунозираи онҳо бохабар мешудем. Майна-хонум дақиқан мисли баъзе аз занҳои муҳтарами мо ҳам, ки мехоҳанд, ҳарфашонро ба ҳамсар таҳмил кунанд, рафтор мекард. Ҳарчанд мардҳои азизамон таҳаммули ин қадар гапро надоранд, вале Майна-акаи мо сабурона ба гуфтаҳои ҳамсараш гӯш мекард ва ҳарфе ба забон намеовард. Қандаша занад. Ба-

рои мо ҷои суол буд, чаро ин ҷуфт баҳс доранд ва мушкилашон чист? Гӯё аз нигоҳҳои саволомезу ҳайрони мо рамуз гирифта, Майна-ака аз фикру андеша ба амал гузашт. Ба тарафи дарвоза рафт ва касеро ном гирифта ҷеғ зад, вале ҳеҷ кас ба ҳарфаш гӯш намедод. Майна-хонум низ давида рафта, паҳлуи шавҳараш истода, нигоҳи ду чашмашро ба дарвоза дӯхт. Боз чанд лаҳзаи хомӯшию сукут сипарӣ шуд. Майна-хонум ғамгинона ба гӯши Майна-ака чизе мегуфт ва зуд-зуд сӯи дарвоза назар мекард. Ин дам Майна-ака бо овози баланд боз садо зад. Дар ин ҳангом дарвоза кушода шуда, сарбозе аз он сар бароварда, ба берун нигоҳ кард. Хаёлам, касеро интизор буд. Майна-ака аз ин лаҳзаи муносиб истифода бурдан хоста, боз як ду қадам ба пеш гузошт ва ба ҷавон чизе гуфтанӣ шуд, вале, ҳайҳот, бахт ба рӯяш нахандид. Сарбоз ҳаросон ба атроф назар давонда, зуд дарвозаро баст ва аз чашм нопадид шуд. Пас аз ин амали ӯ қаҳрамонони мо ҳоли зоре ба худ гирифтанд. Мисле, ки латтаҳояшон дар об заду тарбузашон аз бағал афтод.

Андӯҳгинона ба гӯшаяке рафта, бо сари хам паст-паст гуфтугӯ мекарданд. Дар ин ҷо мо ба худ хулоса баровардем ва ба якдигар гуфтем: Шояд писари бечораашонро маҷбуран ба хидмати ҳарбӣ овардаанд ва онҳо ба хабаргирияш омаданд. Вале дидори писар муяссарашон нагашта истодааст. Ногаҳон Майна-хонум парида ба болои дарвоза нишаста, нигоҳи озмоишкоронаашро ба шавҳараш андохт. Шавҳар низ ӯро зиёд муаттал накарда, аз паяш ба парвоз даромад ва рафта дар паҳлӯяш нишаст. Пас аз чандонияи дигар ҳарду парида, ба тарафи ҳавлии қисми ҳарбӣ рафтанду аз назари мо нопадид гаштанд. Аслан, ҳеҷ боварамон намеомад, ки модар ин ҳама роҳро тай карда биёяду аз пушти даре, ки ҷигарбандаш он ҷост, ақиб гашта равад. Чунон ки модари худам ҳангоми хидмати ҳарбӣ рафтани бародарам бо ҳазорон заҳмат ба дидору мулоқоташ мерафт.

– Ёдат ҳаст, додари апаш, модарам барои хабаргирии ту чӣ қадар азоб мекашид? Баъзан вақт барои дидорбинӣ иҷозаташ намедоданд, вале ӯ истодагарӣ мекард.

– Рост, очаам то бо ду чашми сараш маро намедид, дилаш ором намегирифт.

Мо ҳам дар ин ҷо ин интизорро доштем, ки модар бо ҳар роҳу воситае ба дидори пораи қалбаш муваффақ мегардад, зеро беҳуда намегӯянд: «Модар аз барои фарзанд бо думи шеру бо дами шамшер бозӣ мекунад.» Ин аст меҳри модарӣ.

## Хидмати бепул

Писаракро имрӯз кораш барор нагирифт, ки нагирифт. Рӯз бегоҳ шуда истодаасту ягон мошин ҳам шуста натавонист. Чанд мошин омада буданд, вале рақибони пурзӯраш онҳоро аз худ карданд. Гӯё қасдан, боз дар ин рӯзҳое, ки модари танҳояш бемор асту барои доруву дармонаш, ҳатман пули калон лозим аст.

Ғарқи ин андешаҳои андӯҳнок нишаста буд, ки ҷипи сафеди калоне омада наздаш қарор гирифт. Соҳибаш, ки бо мошину

либосҳои пуркарру фараш нозида, бинияш осмонро мехарошид, маҳз аз ӯ хост, то мошинашро бишӯяд.

– Дарунашро ҳам бишӯям, раис?-пурсид писарак хурсандона.

– Ҳо, даруну берунашро нағз бишӯй. Агар фасон бишӯӣ, боз ягон фикри иловагӣ ҳам мекунем.

Писарак шоду мамнун ба кор шурӯъ кард. На сардии ҳавои зимистон дар назараш метофту на сардии оби яхбастаи ҷӯйбор.

Сурудхонон мешуст, аз таҳи дил бо ҳавсалаи тамом мешуст ва тасаввур мекард, ки чӣ гуна баъди пулро гирифтан, рафта аз бозорча нону мева, аз дорухона баъзе доруҳои зарурии модарашро харида мебараду ӯро нигоҳубину ғамхорӣ менамояд.

Корашро ба анҷом расонду мунтазир шуд. Раис ҳам бо рафиқаш хариди зиёде карда, аз бозорча баргаштанд. Вай мошинро омода дида, хушҳол шуд ва чизҳои харидаашро якбора ба бордонаш бор карду нишаста рафтанӣ шуд.

Писарак пурсид:

– Чӣ хел шустам, раис?

– Қандата зан, зӯр шӯстай, мошинро лесидай. Илоҳӣ баракат ёбӣ. Хуб, дар паноҳи Худо, ман саросемаам.

– Раис, 25 сӯм мешавад, сӯмашро намедиҳед?

– Эъ бача, ту девонай чӣ, ман агар дар 25 сӯм мошинамро бишӯям, роҳи хонаамро аз куҷо меёбам? Хайр як бор барои акаи раисат бепул хизмат кардӣ-да. Як дуоят медиҳам, мо одамҳои назаркардаем, моро ба чашми кам набин.

– Охир, раисҷон, ман дар хона очаи танҳову бемор дорам.

– Эҳе, аҷоиб гап мезанӣ, ман кафили беваҳову сағираҳои ин шаҳр нестам. Гапа кам кун.

– Акаи раис, аз Худо битарс.

– Ту сағираи аҳмақ, мара аз Худо метарсонӣ? Бирав додатро ба ҳамон Худоят бигӯ, шояд ба додат бирасад.

Ин дам телефони ҳамроҳаш занг зад ва ба

рӯи сафҳааш нигоҳ карду табассум дар лабонаш гул кард:

– Лаббай, ҷони ширини ман. Маро ёд кардӣ?

– ...

– Хайр, мо боТоҳир шом шуморо интизорем.

– ...

– Албатта, Гуляро ҳам бигир. Дар куҷо? Хонаи ман.

– ...

– Не, аҷина нестай, хонаи очааш рафтааст, як ҳафтаи расо бо ҳам ҳастем.

– ...

– Ҳо, асалак, хариди хушрӯ кардаам, аз 250 доллари кисаам як тин ҳам намонд, ғайр аз шири мурғу ҷони одам дигар ҳама чизро харидам. Фақат зудтар биёед!

Ва ин ҷо баъди анҷоми сӯҳбат, дарашро пӯшида, Ҷипашро ба ҳаракат даровarду рафт.

Писарак бо чашмони ашколуд аз қафои мошини шитобон раванда дида дӯхт.

## Худо туро бибахшад

Саодат мехост барои хӯроки нисфирӯзӣ таоме бипазад. Медонист, ки падараш картошкабирёнро зиёд дӯст медошт. Бинобар ин табақро аз картошка пур карда ба пӯст кандаанаш шурӯъ кард. Ногаҳон садои гӯшхароши писари чорсолааш аз куча баланд шуд ва лаҳзае пас худи Салимҷон гирякунон ба ҳавлӣ ворид шуд. Модар сару рӯи хунолудашро дида ба даҳшат афтод. Кордашро ба рӯи табақ партофта, ҷониби писараш шитофт.

Ҳарчанд боисрор мепурсид, ки чӣ шуд? Салим аз зурии гиря посух дода наметавонист. Ниҳоят каме оромтараш карду ба саволҳояш ҷавоб ёфт. Маълум шуд, ҳамсоязан барои бозичаи писарашро гирифтан Салимро танбеҳ додааст. Вале аз ҳадди маъмулӣ гузашта, бачаро қариб, ки маъюб кардааст. Вақте давида бо шаст ба сари писарак мезанад, ӯ зарбаи сахтро дар сараш таҳаммул накарда ба замин меафтад ва ҳангоми афтодан сараш ба санги нӯктезе бармехӯрад. Хун хеле зиёд мерафт. Саодат зуд каме шакарро бардошта ба ҷои захм пошид ва бо докае онро баст. Духтарчааш Шаҳнози шашсола ҳам давида наздашон омад ва бо чашмони ҳаросон ба додараш ва ҳаракатҳои модараш менигарист.

– Оча, Салимро кӣ зад? – мепурсид аз модараш.

– Очаи Лайлӣ!

– Барои чӣ?

– Барои бозичаи бачаш!

– Охир барои чӣ бозичаи бачаша гирифтӣ, додарҷон?

– Гуфтам, каме бозӣ кунам!-посух дод ба апааш Салимҷон.

– Медонӣ, ки очаи Лайлӣ занаки гандаҳай, ҳамаро мезанад, қатӣ ҳама доим ҷанг мекунад! Барои чӣ гирифтӣ? Бояд намегирифтӣ!

– Дигар намегирам! – дили Шаҳнозро пур кард додараш.

Пас аз гузаштани каме вақт писарак ором гирифт ва Саодат ба хонаи ҳамсояи пӯрзурашон рафт. Аз асли воқеъа мехост бохабар бошад ва ҳам аз боби бадрафторияш бо ҳамсояи ҷангараашон гуфтугӯ кунад. Хоҳиш карданӣ буд, ки дигар ин гуна рафтор накунад, зеро қалби фарзандонаш хун аст аз ҷудоии волидайнашон. Бе ин ҳам ҳар шаб аз ӯ падарашонро суроғ карда, мегиристанд. Падарро пазмон шуда буданд тифлакони маъсум. Саодат ҳам хурду беақл набуд. Медид, ки вақте як тифл бо падараш мерафт ё бозӣ мекард, чӣ гуна фарзандонаш маҳзун мешуданд. Рӯзе ба фарзандонаш яхмоси 3-сомонӣ харида дод. Бачаҳо шоду мамнун ба хӯрдани он шурӯъ карданд. Ин замон ҳамсояшон Шералӣ ба писарчааш яхмоси 50-дирамиро харида дод ва сари китфонаш ӯро шинонда, аз мағоза берун шуд. Бачаи Саодат ба гиристан шурӯъ кард. Модар пурсид:

– Чаро гиря мекунӣ? Охир, яхмос гуфтӣ, ман ба ту 3-сомонияшро харидам. Боз чӣ шуд?

– Агар арзонашро ҳам падарам мешуду мехарид, ман розӣ будам. Барои ҳама падарҳояшон ҳар чиз механд ва дар сари китфонашон шинонда, «кататса»-шон медиҳанд. Ман ҳам мехоҳам! – гуфта писараш ҳунгос зада гирист. Бачаҳои бечора волидайнашонро бо ҳам дидан мехостанд ва ҷудоии онҳо барояшон гарон афтода буд. Фарзандонаш ҳанӯз баъд аз он зарбаи ҷонсӯзи хӯрдаашон ба худ наомадаанд.

Бо ин ният аз дари хонаашон берун шуд. Вақте ҳамсоязан ӯро назди дарвозааш дид, бе саломи алайк ба ҳуҷум гузашт:

– Ҳа, барои сағираи ҳаромит худатро кашида омадӣ?

– Очаи Лайлӣ, ман ҷангкунӣ наомадаам, лекин бачама бераҳмона задаӣ! Аз сараш хун рафтестай!

– Сағирата ҷамъ кун аз қади кӯча. Илоҳӣ, ҷонаш барояд, кори ман чӣ. Як бозичаи наве, ки ба бачаи бечорама мехарам ин сағираи бепадари ту ҳам давида меояд ва думи бачаи маро мегирад.

– Хай, кӯдакай апа, ҳолӣ беақлай, намекунад, ки ман биёям ва бозичаи бачата бигирам?!

– Эй бева, мара насиҳат накун, ту ин қадар, ки боақл мешудӣ ҳозир дар хонаи шӯят мегаштӣ, оварда мисли як чизи нодаркор дар хонаи отат партофта намерафтанд. Сағираи хуб ҳам бояд дар хонаи оташ каттагӣ кунад.

Ҳамсоязан бо тамоми овоз ҳарф мезад ва пас аз лаҳзае гирду атрофашон аз мардуми ҳангоматалаб пур шуд. Очаи Лайлӣ аз ин тавр ранг гирифтани кор хеле хурсанд гашта аз ҳама ҳунару малакааш истифода мебурд. Барои боз ҳам сарафканда кардани Саодат талоши зиёд мекард. Баъд аз як-ду ҷавоби Саодат оташи ғазаби ҳамсоязан баланд шуда ба ҳуҷум гузашт. Аз мӯяш дошта Саодатро ба замин афканд ва хуб мушту лагадборонаш кард. Чунон ҳаракатҳояш чобукона буданд, ки то мардум давида ба ёрии Саодат расиданд, хеле зарбу латаш кард. Бо азобе аз чанголи пурқуввати ҳамсоязан халосаш карданд.

Баробари ба хона расидан Саодат дасту рӯяшро шуста, худашро ба тартиб даровард. Хост ба омодасозии хӯрокаш идома диҳад, вале ҳеҷ дасташ ба кор пеш намерафт. Дастонаш

меларзиданд, аз ин рӯ корд аз дасташ чандин бор афтод. Рухсораҳояш сӯзиши сахт доштанд, чунки ҳамсоязан рӯяшро зиёд харошида буд. Сараш аз зарбаҳои хурдааш дард мекард. Аммо ин ҳама дардҳои ҷисмияш дар назди дарди рӯҳие, ки мекашид, ҳеҷ буданд. Охир, осон набуд ин қадар таҳқири беасосро шунидан, боз аламовараш дар пеши ин қадар мардуми бисёр. Барои кадом гуноҳаш? Беихтиёр саҳифҳоаи зиндагияш мисли навори филм пеши назараш омаданд.

Баъд аз хатми мактаби миёна зиёд хоҳиши идомаи таҳсил дошт. Лекин пайвандон ба ин орзуяш хатти бутлон кашида, аз ӯ хостанд, ки бо як «обрӯи муҳаммадӣ» шавҳар кунад. Як-ду хостгорро бо ҳар баҳонае рад кард, вале хостгори навбатиро пазируфтанд. Ҳарчанд духтар зиддияти сахт нишон дод, аммо корагари ҳолаш нашуд. Домодшаванда аз хонаводаи сарватманде буд. Ин фурсатро аз даст додан нахоста, волидайнаш баръакси майли Саодат ризоят доданд. Арӯсии бошукӯҳе барпо гашт. Вале зиндагии навхонадорон аз рӯзи аввал ширин оғоз нашуд. Ба қавли мардум «ситораҳояшон бо ҳам мувофиқ

наомад». Агар ҳақиқаташро бигӯем, Саодат бо вуҷуди ин, ки бо ин издивоҷ мухолиф буд, аммо баъд аз баргузории тӯй ба тақдираш тан дода, ба шавҳараш меҳр баст. Дар охири кор ҳамсарашро дӯст ҳам дошт. Охир Ҷамшед марди чашм кушода дидааш буд. Марди ҳаёташ буд. Лекин ин ҳиссиётҳои меҳру муҳаббат гӯё ба Ҷамшед бегона буданд. Ӯ пеш аз издивоҷ бо Саодат духтареро дӯст медошт, аз самими қалб дӯст медошт. Духтар ҳам дӯсташ медошт. Танҳо дар ин байн волидони Ҷамшед мухолиф буданд ба интихоби фарзандашон. Фикрашон ин буд, ки духтари таҳсилкарда ва нозпарварди хонадон наметавонад иззату эҳтиромашонро ба таври бояду шояд ба ҷо биёрад. Аз ин рӯ баръакси хоҳиши писарашон Саодатро интихоб карданд. Ва писар ҳам барқасди хонаводаашон келини овардаашонро ҳеҷ рӯи хуш намедод ва дӯст ҳам надошт. Дар ин муддат соҳиби ду фарзанд ҳам гаштанд, вале яхи дили Ҷамшед ҳеҷ об нашуд, ки нашуд. На Саодатро дӯст дошту на фарзандонашро. Билохира, бинои зиндагияшон баъд аз шаш соли зиндагӣ аз ҳам пошид. Шавҳар Саодатро бо ду фарзандаш оварда, дар хонаи

падару модараш монд ва рафт дунболи ишқу муҳаббати аввалааш. Падару модарон ва бузургтарҳои оилаҳояшон дар байн даромада, миёнаравӣ карданд, суде набахшид. Ҷамшед аз раъяш гаштанӣ набуд. Ба ҳеҷ унвон ба зиндагию хонаву дараш баргаштанӣ набуд. Чун Саодат дид, ки зиндагияш вайрон шудааст, аз ғаму андӯҳ ба беморӣ гирифтор шуд. Баъди каме табобат ба худ омад. Волидайнаш дар бахти шикастаи духтарашон худро гунаҳгор медонистанд. Ҳарчанд ҳеҷ вақт духтарашон инро ба забон наоварда буд, вале худро дарун-дарун мехӯрданд аз кори кардаашон. Пушаймони зор гашта буданд. Ба сарвату дороии хонаводаи Ҷамшед фирефта шуда, ҳатто, напурсиданд, ки ҷавонон ҳамдигарро мехоҳанд ё не? Дигар, чӣ хеле ки мегӯянд: «Худкардаро даво нест, вовайлои пинҳонӣ».

Саломатии Саодат хуби хуб шуда буд, аммо он қадар бисёр ба берун намеомад. Аз суҳбат бо ҳамсояҳо ва дӯстонаш мегурехт. Духтари як вақтҳо одамдӯстдору чақчақӣ, гули сари сабади маҳфилҳо имрӯз одамгурез гашта буд. Тасаввур мекард, ки баъд аз пош хӯрдани зиндагияш мардум ба ҳолаш механданд. Фикр

мекард, ки аз пушташ масхара карда бо ангӯшт нишонаш медиҳанд. Худашро шармсор ва беобрӯ эҳсос мекард. Баъди ҷанҷоли имрӯза ҳолати рӯҳияш дигар хеле бад гашта буд. Лаҳза ба лаҳза аҳволаш хароб мешуд. Дигар фикр мекард шарманда аст. Не. Шарманда буд ва худашро боз ҳам шармандатар эҳсос мекард.

– Дигар ман барои чӣ зиндагӣ кунам? Зистанам маъно надорад. Аз рӯи ман падару модари азизам ҳамеша дар азобанд, баробарам месӯзанд. Эҳ, Худоҷон, ҷонамро бигир, ки аз ин шармандагиҳо халос шавам!

Ногаҳон чизе ба хаёлаш расид магар, ки зуд аз ҷояш хеста, ҷониби ошхона равон шуд ва ҳамзамон зери лаб пичир-пичир мекард:

– Бас аст, безор шудам, дигар наметавонам!

Ин лаҳза падару модар бо хоҳару додаронаш аз кори заминашон баргаштанд. Бачаҳои Саодат дар лаби долон менишастанд. Сари баставу хунолуди Салимҷонро дида, ба таҳлука афтоданд. Бо хотири парешон аз Шаҳноз пурсиданд, ки чӣ гап шудааст? Саргарми аҳволи фарзандонаш буданд, ки садои

доду фарёди Саодат баланд шуд. Аввал ҳайрон шуданд, ки ин садо аз куҷост? Бо нигоҳ ин тарафу он тарафро меҷустанд. Ногаҳон як кӯраи оташин аз ошхона берун шуд. Волидайни бечора ба чашмонашон бовар накардаанд. Фикр карданд, ки хобанду ин ҳамаро дар хоб мебинанд. Охир ин кӯраи оташин Саодати сиёҳбахташон буд, ки худашро оташ зада...

– Оча, очаҷон ҷонма бихар, ки дилу ҷигарам рехт – аз падару модар ёрӣ хост духтари дар коми оташ афтода.

Онҳо чанд сонияе лолу пакар ба ӯ нигариста, чӣ кор карданашонро надонистанд. Дар доду ғиреви духтарашон ҳамсояҳо зуд ҷамъ шуда, ҳар яке кореро, ки аз дасташ меомад, анҷом медод. Мехостанд бо ҳар роҳе оташро хомӯш кунанд, вале бефоида буд. Оташ қисми зиёди ҷисмашро фаро гирифта, дар оғӯши сузону тафсони худ бирён мекард. Саодат ҳам аз сӯзиши ҷону тан як ҷо ором нагирифта ба ин тарафу он тараф медавид ва дасту по мезад. Ин кораш ба оташ ёрӣ мекарду ба шахсоне, ки ёрияш омада буданд, халал мерасонд. Ниҳоят зани бобои Ҷӯрабек як гилеми бузургеро бардошта овард ва кӯшиши бо он Саодатро пе-

чондан кард. Дигарон ҳам ёрияш карданд ва бо ҳазор машаққат оташ хомӯш шуд. Куртаву поҷомаи танаш, ки ҳама синтетикӣ буданд, дар лаҳзаҳои аввали оташсӯзӣ сӯхта, об шуда, ҳар ҷо-ҳар ҷо мисли муми сиёҳ дар бадани сӯхтааш часпида буданд. Мӯйҳояш низ ба коми оташ рафта буданд. Зуд ба порчаи бузурге ӯро печонда, хостанд ба беморхона баранд. Волидайнашро диданд, ки беҳушу беёд рӯи замин хобидаанд. Бечора падару модар бо дидани ин фоҷиъа аз ҳуш рафта буданд. Онҳоро ҳам ба мошини дигаре бор карда, ҳамроҳи духтарашон роҳи беморхонаро пеш гирифтанд.

Дар шифохона дар ҳуҷрае табибон барои наҷоти ҳаёти Саодат мубориза мебурданду дар ҳуҷраи дигар барои ба ҳуш овардани волидайнаш талош мекарданд. Ниҳоят онҳо ба ҳуш омаданд, вале сарҳояшон карахт буд ва ба асли моҷаро гӯё, ки сарфаҳм намерафтанд. Ҳайрон-ҳайрон ба одамони атрофашон назар меандохтанд. Ниҳоят пас аз лаҳзае модар ҳодисаи чанд дақиқа пешро ба ёд оварда, аз ҷояш баланд шуд ва азми Саодатро дидан кард. Аввал духтурон розӣ нашуданд, вале пеши исрору

зориҳои модар истодагарӣ накарда ба ҳуҷраи ҷигарбандаш ӯро роҳнамоӣ намуданд. Модар ба курсии паҳлӯи кати духтараш нишаста, ба сару рӯйи ӯ зеҳн монд. Тамоми ҷисми духтар докапеч буд. Гӯё варам карда буд духтараш.

– Наход ҳамин Саодати нозанини ман бошад? – худ ба худ суол мекард модари зор.

– Саодат, ҳо Саодатҷон, маро мешунавӣ? Чашмонатро кушо, ҷони оча, маро мешунавӣ Саодатҷон? – садои духтарашро шунидан мехост модар.

Саодат бо азобе пилкҳои сӯхтаи чашмонашро кушод. Чашмонаш мисли косаи хун буданд. Суп-сурх. Модарро паҳлӯяш дида:

– Оча, очаҷон, мемирам – гуфт.

– Не, ҷони оча, ин тавр нагӯ, ҳоло ту соз мешавӣ. Соҳиби бахти сафед шуда, духтаратро тӯй мекунӣ, бачата зан медиҳӣ.

– Кошкӣ, очаҷон...

Оби чашмони модар шашқатор ҳар ду бари рӯяшро мешуст. Дасту пояш меларзид. Нигоҳашро аз духтараш намеканд. Сару тани докапечи Саодаташро бо матоъи сафед пӯшонда буданд. Ҳангоми нафаскашии номураттабаш қафаси синааш пасту баланд мешуд.

Аз дарди гарону сӯзиши ҷон нолиш мекард. Бо ин дардаш шояд дар ҳолати одӣ додаш ба фалак мепечид, вале айни ҳол дигар қуввати доду фарёд карданаш намонда буд.

– Об, очаҷон, обам бидеҳ, ки дилу ҷигарам сӯхт – бо садои пасту ҳазин нолиш баровард Саодат.

– Ҳозир, бачам, ҳозир обат медиҳам, каме беҳтар, ки шудӣ як авқотаки бомазза ҳам пухта меорам, то хӯрда боқувваттар шавӣ – хурсандикунон мегуфт холаи Заҳро. Сари духтарашро боэҳтиёт бардошта, пиёлаи обро ба лабонаш наздик овард, вале Саодат обро нӯшида натавонист. Аз сабабе, ки лабҳояш зиёд сӯхта буданд, дигар маҷоли ҷунбидану обро фурӯ бурдан надоштанд. Об ба даруни даҳон нарафта, шорида аз ду кунҷи лабонаш мерехт. Якчанд бор ин амалро такрор карда, диданд, ки муроде ҳосил намешавад. Ночор модари зор сари духтари ташналабашро ба рӯи болишт гузошт. Ба ин тарафу он тараф нигариста, каме пахта дарёфту дар об тар намуда ба даҳони Саодат об чакондан гирифт, то заррае ҳам бошад, ташнагияшро бартараф созад. Ин лаҳзаҳо ёдаш омад, ки ҳангоми

кӯдакияш калонсолон мегуфтанд: «Ҳангоми фавт инсон хеле эҳсоси ташнагӣ менамояд.» Ё ин аст, ки «Фалониро вақти ҷонканӣ дар ҳалқаш ба пахта об мечакониданд.» Аз ин фикрҳои мағшуш ва даҳшатноки худ тарсид ва бо гуфтани «Астағфируллоҳ» хост худашро ором кунад. Ҳатто эҳтимоли ин, ки шояд духтарашро аз даст бидиҳад, барояш таҳаммулнопазир буд. Дили модари бечора умедвор буд, ки ҳоло муъҷизае мешаваду духтараш мисли пешина бо чеҳраи хандону лаби шукуфон аз ҷояш бархоста, хотири ошӯфтаи волидайнро барҳам мезанад ва ба зиндагии хушу хурсандонаашон давом медиҳанд. Обчакониро анҷом дода, аз ҷояш баланд шуд. Таи ин 5-6 дақиқа касе аз духтурон ба наздашон наомаданд. Дар ташвиш афтода, суроғи духтуре рафтанӣ буд.

– Оча?

– Ҷон.

– Куҷоӣ?

– Дар ҳамин ҷоям, ҷони оча.

– Пешам биё.

– Ана, омадам, чӣ гуфтан мехоҳӣ духтари ширинам, ягон хурданӣ биёрам? Дилат чӣ ме-

кашад?

– Оча, аз ман хафа ҳастен?

– Барои чӣ?

– Маро бибахшед, аз ман ба бадӣ ёд накунед.

– Ту чиҳо гуфта истодаӣ, духтарам? Ту ҳоло хуб мешавӣ, ҳама хушиҳои умрат дар пеш аст.

– Оча, очаҷони ширинам, бачаҳома ба шумо ва шуморо ба Худои бузург месупорам. Бачаҳома хуб нигоҳ кунед, намонед хор шаванд. Ман аз зиндагӣ ҳеч чиз надидам, бигзор онҳо бинанд.

Ин замон падараш низ ба ҳуҷра ворид гашта, суханҳои духтарашро шунида ба сӯи бистараш давид:

– Ин хел нагӯ духтарам, ҳеҷ кас намедонад, ки кай меояду кай меравад, – насиҳат мекард духтарашро.

– Падарҷон, илтимос, маро бибахшед.

– Духтари содаи беақл, эҳ духтари сода, ин чӣ коре буд, ки кардӣ? Ақаллан фикри моро накардӣ? – гила кард модари аз ғаму андӯҳ ба танг омада.

– Худам ҳам пушаймонам, модарҷонам!

Оҳ Худоҷон як камаки дигар агар умрам диҳад, ба тавбаву надомат онро мегузаронам. Пушаймонам, сахт пушаймонам. Маро бибахшед, дар ҳаққам дуо кунед...

Дигар на ҳарфҳояш фаҳмида мешуду на садояшро шунида.

– Оҳ, духтари сиёҳбахти оча, духтари сиёҳпичамарги оча. Бихез, чашмота кушо, ман ҷавоби бачаҳои туро чӣ медиҳам? Падар надоштанд, ту қуввати дилашон будӣ. Ҷавоби ин ятимҳоро ман чӣ медиҳам. Оҳ духтари ҷигарсӯхтаи оча... Нолаву шевани модари Саодат ба осмон дакка хӯрд. Аз чашмони хастаи падар селоби ашк равона буд, вале садояшро дар гулӯ саркӯб карда буд. Танҳо ҳамин қадар аз сӯзи дил лаб ҷунбонид:

– Худо бибахшад туро, духтарам, ба фазли худаш аз гуноҳат бигзарад. Илоҳо, ҳама бандаҳои гунаҳкоратро бибахш. Саодати бесаодати падар, Худо туро бибахшад!!!

## Холаи Садафмо

Холаи Садафмо дер боз ба автобус нанишаста буд. Ҳамеша саросема мегашту мехост баробари ба роҳ баромадан ба таксие нишаста, ҳар чӣ зудтар ба хонааш бирасад. Аммо ин рӯз рӯзи истироҳат буд.

– Куҷо саросема шавам? Рӯзи корӣ набошад. Баҳузур ба автобус нишаста, рафта харидамро карда бармегардам. Камтар «эконом» карданро ёд гирам-да. Хӯрокамро ҳам, ки барвақт омода намудаам! – бо ин андешаҳо ба автобусе, ки дар назди истгоҳ меистод савор шуд.

Ягон 10 дақиқа сипарӣ шуд, вале автобуси нимапур хаёли ҳаракат карданро надошт. Як ками дигар мунтазир шуд, аммо ҳавсалааш сар рафта, аз пулчинак пурсид:

– Ҳаракат намекунед, додарҷон?

– Куҷо саросемаӣ, хола? Пур шавад ҳай мекунем!

– Оҳо, то ин пур мешавад, ки рӯз нимрӯз мешавад. Хуб, дар роҳ, ки боз мардум бисёранд!

– Хола бисёри бад дерат шуда бошад, марҳамат, ба таксӣ бирав, дар ду дақиқа ба ҷою маконат мерасонад. Ин автобуси давлатияй. Мо «план» гуфтанӣ гап дорем, мефаҳмӣ холаҷон?! Так что ё тинҷакак бишин, ё бо таксӣ бирав!

Холаи Садафмо рӯяшро тарафи тирезаи автобус гардонда, вонамуд кард, ки берунро тамошо дорад ва суханҳои ҷавонро нашунид, аммо дар асл дар шарму ҳаё гум шуда, аз гапи гуфтааш пушаймон шуд. Дар дилаш худашро мазаммат мекард, ки чаро эътироз баён кард, чун ҳама мусофирон ба баҳси онҳо таваҷҷуҳ карданд. Вале барояш ҷои суол буд, ки чаро дигарон дар даҳон об гирифта, ором нишаста-

анд ва танҳо ӯ гап зад. Лекин гуфтораш беасар буд. Беҳуда намегӯянд: «Сухан гуфтан нуқра бошад, хомушӣ тилост».

– Охир, дигарон низ бояд сухане мегуфтанд, на ин ки бепарвоёна тамошобин бошанд. Чаро ба тақдири худашон ин қадар бепарвоянд ин мардум??? – дилаш туғён мекард. Ниҳоят баъди миқдори зарурии мусофирон ҷамъ шудан автобус ба ҳаракат даромад. Каме банди ҳамин фикрҳо буд. Дилаш кам-кам ором мешуд. Ба тамошои шаҳр машғул дошт худашро. Ногаҳон чашмаш ба саҳнае афтод ва як лаҳза мисли барқзадае карахт шуд. Баробари автобуси онҳо мошини бензинкашӣ ҳаракат мекард. Маълум буд, ки мошин пурбор аст, аммо чӣ боре? Бори маргборе! Бензинро чунон пур кардаанд, ки аз лабҳои новаи мошин ҷорӣ буд ва ба бари бордони мошин шорида ба замин мерехт.

– Чӣ дарди зарур доред, ки ин қадар пураш мекунед? – худ ба худ ғур-ғур кард. Гӯё ғоибона соҳибони борро танбеҳ медода бошад.

Дар ин вақт яке нақлҳои ҷолиби падари ҳикоягӯяш ба ёдаш омад ва лаҳзае дар лабо-

наш табассум меҳмон шуд: «Афандӣ косаи чинӣ дар дасташ равғанхарӣ меравад. Чун равғанфурӯш ба косааш равғанро мерезад, ками дигар дар зарфе, ки дар дасташ буд, мемонад. Афандӣ ин ҳолро дида, косаашро рӯи дигар мегардонад ва мегӯяд: «Боқимондаашро ин ҷо резед, то ризқам аз даст наравад.» Ин нақлро тақрибан ҳама дар қишлоқи онҳо аз ёд медонистанд, вале такрор ба такрор аз падараш хоҳиши шунидани онро менамуданд, чун ӯ бо як лаҳни ширин ва пурмуҳтавову ҷолиб нақлаш мекард.

– Хайрият, инҳо ҳам мисли Афандӣ нагуфтаанд, ки «дар пушташ бирез»-гуфта, аз ба ёд овардани он ҳикояву тасаввури ин ҳолат бозавқ хандид.

Аммо як дам гӯё хун дар рагҳояш ях кард. Чашмаш ба дудбарои мошини бензиндор афтод, ки аз он ҷо дуди ғализе мебаромад. Дар байни дудҳо шарораҳои оташ медурахшиданд.

– Худоё, оҳ Худоҷон, ҳифзамон кун!-ғайриихтиёр бар забонаш ин гуфтаҳо ҷорӣ шуданд.

– Агар ин шарораҳо нохост ба бензин би-

расанд, тамом – аз тасаввури ин андеша вуҷудашро ларза гирифт. Ҷонҳавлӣ аз ҷояш хест. Ба мусофирони даруни автобус назар кард. Ҳамагон аз дунё бехабар машғули чақчақи худашон буданд. Гӯё агар ними дунёро ҳам об барад, парвое надоранд.

– Охир, ҳамаи инҳоро дар хонаҳояшон интизоранд, якеро занаш, дигареро шавҳару фарзандонаш ва дигарҳоро волидайнашон. Оҳ, ҳоли онҳо чӣ мешуда бошад-ин фикрҳо барқсон аз зеҳнаш гузаштанд. Ба ёдаш омад автобусе, ки пур аз мусофирон дар шаҳри Маскав ба садама дучор шуда буд. Тақрибан ҳама мурда буданд ва соҳибонашон чӣ қадар оҳу шеван мекарданд. Дар наворҳои шабакаҳои телевизионӣ онҳоро дида, дилашро панҷаи ғам ва ҳамдардӣ мефишурд. Алъон ҳам бояд коре мекард, ягон роҳе бояд меҷуст, то фалокате сар назанад. Аммо чӣ чорае надешад? Намедонист! Як лаҳза худашро гум кард. Дастпоча шуд. Лекин чизе гӯё ба зеҳнаш расида, ба сӯи кабинаи ронанда раҳсипор шуд. Вале ҳар чӣ фарёд кард ва пушти шишаи кабинааш кӯфт, ронанда ӯро нашунид.

Мусиқияш бисёр баланд буд ва ронанда низ зери лаб сурудро ҳамроҳи сароянда замзамакунон, фармони автобусро бо зарби мусиқӣ ҳамнавохт маҳин-маҳин мекӯбид.

Дигар дили холаи Садафмо ба кафидан наздик мешуд. Боз як бори дигар ба тарафи мошини бензиндор нигоҳи хастае партофт. Аммо ӯ чӣ медид, Худоё! Ё ӯ девона шудааст ё чашмонаш ӯро фиреб медиҳанд. Не-не, ин ҷо иштибоҳе нест. Яқинан якто буданд ва ҳозир дуто шудаанд он мошинҳо бо бори маргборашон.

– Худоё! Раҳми бандагонатро худат бихӯр, бар ҳоламон раҳм кун! – илтиҷо ба холиқи Қодир бурд. Дигар сабрашро аз даст дода, ба мардум рӯй овард:

– Ҳой мардум, хобед магар? Ин мошинҳоро бинед дар баратон, марг баробаратон меояд, аммо шумо хобед?! Чашмонатон парда дорад магар! Ин мошинҳои пури бензинро бинед, ки лаболаб пур аст ва ҳатто бар замин резон! Як шарораяк кофист, ки ҳамаамон ба хокистаре табдил ёбем ва бод моро ба ҳар тараф бипошад!

Мардум ногаҳон дар таҳлука афтоданд. Гӯё дар хоби амиқе буданду бедор гаштанд. Сару садоҳо баланд шуд. Пулчинак нооромиро мушоҳида карда наздашон расид.

– Чӣ гапай?

Вазъиятро барояш зуд шарҳ доданд. Ва ин ҷо дар сари Холаи Садафмо боз як фикри тоза омад.

– Зуд ба ронандаи автобус бигӯ биистад ва ронандаи ин мошинро огоҳ намояд, зеро ҳозир ё замони дигар, Худо накарда ҳамаро метарконанд ва чангамон дар осмон мешавад.

– Кадом мошинро? – пурсид коҳилона ҷавони пулчин.

– Мошинҳои бензинро. Бибин бензинашон ба замин рехта истодааст ва чи қадар хатарноканд-ба мошинҳои пурбор ишора кард хола.

– Инҳо об доранд, на бензин!

– Чӣ хел об? Нигоҳ кун, мошини бензинкашонӣ аст.

– Эҳ, хола, содай чӣ бало?! Наход бензинро, ки як литраш қариб ду доллар аст, ин кор намоянд. Кадом девона ин қадар пур мекунад,

то ҳамаашро дар замин резонад? Ин мошинҳо пури обанд, барои гулҳои шаҳрро об додан! Ҳозир аз маркази шаҳр обпоширо сар мекунанд!

– Гулҳоро об медиҳанд? Дар ин нимрӯзӣ? Дар ин гармо, охир, ду дақиқа пас ҳама обҳо бухор мешаванд. Падарам дар қишлоқ гулу зироатҳоро бегоҳӣ ё шаб об медоданд, то оби додаашон зуд бухор нашуда, нам дар замин бештар бимонад.

Акнун холаи дилсӯзи моро ғами гулҳои шаҳр гирифтааст, ки бо ин тарзи обпошӣ нашъунамои хуб накарда аз байн мераванд.

– Эй кош, ба ҳамон таксиям мерафтаму зуд бармегаштам. Ин қадар «стресс»-ро намедидам ва ба ғамҳои дилам ғами дигаре зам намешуд. Ду сум «эконом» кардаму сад сум ғам харидам!!! – хулоса намуд холаи Садафмо.

## Панди боғбон

Ниҳолакони нозукандому мӯрчамиён бо вазидани боди сард ларзиданд. Домони шикваро алвонҷ доданд.

– Эҳ Худо, кай мо аз ин Хунукистон ҷонамон халос мешуда бошад?

– Ҳамонро гӯед, ҳамсояҷон, расо дилам танг шуд-дия дар ин ҷои тангу торик.

– Канӣ як ҷояки офтобӣ ва кушоде, ки роҳат карда офтоб хӯрию шоху навдаҳоро баҳузур рост. Дар паси буттаи калон соҳиби боғро надида, навниҳолакон ғубори дилашонро тоза мекарданд.

– Худо гӯед, аз ин бадтар накунад. «Дидагиҳо пушаймон, надидаҳо дар ормон», гуфтагӣ барин боз пушаймон нашавед? – боғбони пир ба насиҳат гузашт. Ӯ аз рӯи меҳру муҳаббати зиёд ба ин ниҳолакони нозук ғамхориҳои беназире нисор менамуд. Мисли фарзандони худаш, балки бештар аз онҳо дӯсташон медошт. Ҳарфҳои дилашонро гӯё мехонд аз авроқи зеҳнашон.

– Ҷонамон аз ин ҷо халос шавад, шуд. Наход аз ин ҳам ҷои ногувортаре бошад?- мепурсиданд аз якдигар.

– Аз ман чӣ бадӣ дидед, ки азми рафтан ва тарк карданамро доред? Ман бо ҳазор умеду орзу шуморо мепарварам?

– Мӯйсафед худашро таъриф дорад, – писханд гирди лабонашон тоб хӯрд.

Пас аз чанд муддат барои ҷое рафтан омодаашон намуданд. Аз хурсандӣ ҷои нишастан намеёфтанд.

– Худо дод. Меравем аз ин ҷои дилбазан.

– Куҷо будааст, ҷои наватон, ҳамсояҷон? – бо ҳасрат мепурсид яке.

– Як водии офтобрӯяву дилнишин, – болои сӯхтаи дилаш намакоб мепошиданд.

– Чӣ хел нағз!...

Баъди якчанд моҳ ба сару рӯи нозининҳои мо нигоҳ карда намешуд. Аз он назофату тозагӣ, ороишу оростагӣ асаре намонда буд. Ҳама шохаҳо парешону шикаста. Қомати замоне рашки сарву шамшод имрӯз хамзадаву хамида. Қалбҳои зебояшон лабрези ғуссаву ғам.

– Ҳамсояҷон, дигар наметавонаааам! Ҷонам ба танг омадааст, – шикоятро оғоз намуд.

– Ин чӣ рӯзҳои сахтест, ки ба сари мо, мусофирони мискин ҳадя шуд, – андӯҳи дигариро низ охир набуд.

Модару писаре аз наздашон гузар мекарданд. Писарча ба модараш нозид:

– Очаҷон, ҳо он гулашро канда диҳед. Бинед, чӣ қадар зебост, – гӯён тарси «меҳмондарахт»-ро дучандон боло бурд.

– Оҳ, мурдам, гӯё дар фарқи сарам бо гурзе кӯфтанд, – нолиш кард ба ҳамсояаш.

– Офарин ба шумо, бо ин андоза дарди гарон чӣ қадар таҳаммул доштан даркор, – ба тавре дилбардорияш менамуд ҳамсояи ғамхору ҳамқисматаш.

Ин лаҳза боди гармселе вазида, ҷисми хушкзадаву бемадори меҳмонҳои моро лесида гузашт. Аз тафсу ҳарорати ин боди оташин мағзу устухони ниҳолакони мӯрчамиёну нозук ба сӯзиш омаду додашон ба фалак печид. Ин замон гуфтаҳои боғбони пир дар гӯшашон садо дод:

– Одам вақте ба қадри неъматҳои доштааш мерасад, ки онҳоро аз даст бидиҳад. Шумоҳо ҳам ҳоло ҷавонед. Ба қадри ману меҳнати ман баъдан мерасед, чунки ман шуморо мисли фарзандони худам медонам ва дӯст медорам.

## Оина

Баъди аз кор баргаштан бо занҳои ҳамсоя лаҳзае дар берун нишастам. Мавзӯи суҳбат ҳар бахшро дар бар мегирифт. Зани акаи Салом аз саломатияш шикоят намуда, арз кард, ки ҳамин қадар табобат карданаш бефоида.

– Эҳ, Худо, ҳамин қадар одамон нимгӯшна мегарданд, ҳеҷ балошон намезанад. Ман аз чӣ камӣ дорам? Гули хурокро мехӯраму гули пӯшокро мепӯшам, вале поям аз беморхона канда нест.

– Апаи Назокат, шумо бояд як каме ба речаи хурокатон таваҷҷуҳ намоед, чунки асли пайдоиши бисёре аз бемориҳо вазни зиёда-

тист. Боз наранҷед, аммо вазни шумо аз эътидол гузаштааст. Бинобар ин, кам кардани чанд килограм мувофиқи мақсад аст, – Санавбари духтурамон ба чанд тавсия роҳнамоияш кард.

Чашмони апаи Назокат аз косахонаи сараш берун ҷастаанд. Дар ниҳояти қаҳру ғазаб ба Санавбар гуфт:

– Ба ту тирмизак кӣ ҳақ додааст, ки маро насиҳат кунӣ? А-ро аз Б фарқ мекунам гуфта, дигар як пасу пешатро нигоҳ намекунӣ-ҳа? Ту он қадар доно бошӣ, як даҳон нони серӣ ёфта бихур, баъд дигарҳоро таъна кун!

– Апаи Назокат, ба Худо ман қасди таъназанӣ надоштам. Фақат ҳамчун духтур маслиҳат додам. Дар ҳамсоягӣ ҳамин ҳарфҳо чӣ даркор? Охир, ман душманат нестам-ку? Аз рӯи хайрхоҳӣ гуфтам, чун ба аҳволи ҳамсояи наздику қадрдонам натавонистам бетараф бимонам.

– Эъ, хубит аз сарат монад, донотарош! Ту яқин чӣ қасде доштӣ. Аз хӯрдану гаштанои ман талхат кафидестай? Ба хонаву дари хушрӯи ман бахилӣ мекунӣ? Хайр, шавҳари ниммурдата бигӯ, ки ягон кори рӯғанӣ биёва. Дафъ шаве, ранги тувори ҳамсояи кӯрдил дар гӯр! – инро гуфта апаи Назокат аз ҷояш хеста рафт.

Санавбар аз ҳайронӣ чӣ кор карданашро намедонист. Яқинан чунин ранг гирифтани корро интизор набуд. Мо гуфтемаш: «Ҳеҷ гап не, мегузарад. Апаи Назокат каме ором шавад, дарк мекунад, ки ту табарвор ҳам гап зада бошӣ, лекин аз рӯи дилсӯзӣ ва маслиҳат таъкидаш кардаӣ.»

Ҳама бо хотири ошуфта хона ба хона шудем. Лекин апаи Назокати мо на танҳо гапи Санавбарро дарк накард, балки ӯро душмани рақами якаш эълон сохт. Дар ин байн боз шайтонҳову дурӯғгӯйҳои хабаркаш ҳам нақши назаррасе бозиданд. Кор ба ҷое расид, ки дар маъракае агар Санавбар меомад, апаи Назокат намоишкорона хеста мерафт. Чанд дугонаи чоплуси манфиатталаб низ ҳамроҳияш мекарданд. Ҳангоме ки ба маъракае даъваташ кунанд, ӯ худозадаро ҳам гуфтаен? Агар ӯ бошад, ман намиём, – гуфта эътироз баён мекард.

Ин ҳама моҷаро ҳикояеро ба ёдам овард:

Дар ҷангал муромурии бешумори ҳайвонҳо сар шуд. Мисле, ки эпидемияе сар зада бошад. Ҳар рӯз чандин ҷонвари нодир ба ҳалокат мерасиданд. Табобат кардани онҳо низ чорае набахшид, чунки саршумори ҷонварон зиёд буду қувваи кории одамон кам. Сабаби

сар задани воқеаро ҷӯё шуданд. Маълум шуд, ки палангу шерҳои бешаро гурӯҳи сайёдон ба тамом шикор карда, аз байн бурдаанд. Маъмулан ҷонварони дарандаро «санитарҳо»-и беша меноманд. Чунки онҳо ба ҳайвонҳои бемор ва пиргаштаву дардманд, ки манбаи бемориҳои сироятӣ мегарданд, ҳамла оварда, онҳоро туъмаи худ месозанд. Бо ин роҳ дигар ҳайвонҳои беша аз ҳар гуна бемориҳои хатарнок эмин мемонанд. Ба ин ҷангал хатари аз байн рафтани тамоми олами ҳайвонот таҳдид мекард. Тасмим гирифтанд, иштибоҳи рухдодаро ҷуброн намоянд. Чанд палангу шер аз дигар ҷангал оварданд. Баъди муддате муҳити маъмулӣ дар беша ҳукмрон гашт.

Вақтҳои охир, намедонам, ба мо чӣ шудааст, ки таҳаммулгароиро аз даст додаем? Шахсе агар як зарра айбу нуқсонамонро ҷуръат карда, дар рӯ ба рӯямон бигӯяд, ҳозирем ӯро пора-пора созем: «Оҳо, ин худаш кист, ки айби маро меҷӯяду мегӯяд? Кӣ ба ӯ ин ҳақро додааст, ки маро таҳқир кунад?»

Тайёрем аз тамоми қуввaву имконотамон истифода бурда, ӯро беобрӯ гардонем, дар сурате, ки ӯ ба мо хубӣ хоста, камбудамонро дар рӯямон изҳор кард, то бартараф сохта, аз шар-

раш худамонро наҷот диҳем. Охир, ӯ оинаеро мемонад, ки беғаразона ишколҳоямонро арза кард. Камоли беақлист, агар бо санги таънаву маломат ин оинаи беҳамторо бишканем. Ӯ метавонист, ин айбҳоямонро дар паси сарамон гуфта, боз чанд лақаби дигар низ бароямон ихтироъ намояд. Аммо ӯ ҷавонмардона, одилона гуфт, ки: «Эй бандаи Худо, ман дар ту ҳамин камбудҳоро мебинам. То ҳадди имкон аз паи ислоҳашон бикӯш, то боиси хандаву истеҳзо дар байни мардум нагардӣ.» Чӣ тавре мегӯянд:

*Дӯст он аст, айби ёрашро*
*Ҳамчу оина рӯ ба рӯ гӯяд.*
*На ки чун шона бо ҳазор забон*
*Аз қафо рафта, мӯ ба мӯ гӯяд.*

Шояд баъзе дӯстон розӣ нашуда, иброз намоянд: «Ман ҳеҷ айбе надорам, вале фалониҳо ҳамеша аз ман айбҷӯӣ мекунанд.» Бояд бидонем, ки ҳеҷ кас моҳи беайб нест. Беайб ва аз нуқсонҳо пок танҳо Худованди бузург аст. Аммо ба ҳар ҳол дар ҷамъият баъзе афроде ҳастанд, ки ҳамаи ҳунару истеъдодашонро барои айбҷӯӣ аз мардум равона гардондаанд. Ин қабил шахсон ҳар коре ҳам кунӣ, ҳатто

моҳи осмон ҳам бошӣ, айбу хатоеро бароят метарошанд. Дар урфият гуфтаанд: «Душман агар айбатро наёфт, мегӯяд, думи сагат кач аст». Ин ҳарфу ҳадисҳо ҳатман дар ҳар як ҷамъияте, ҳар маконе ҳастанд. Аммо ба ҳама эродгирию айбҷӯиҳо бояд одилона ва бидуни эҳсосот бингарем. Мабодо ҳамин мушкилро дар асл дошта бошему чашми худамон онро набинад, зеро гузаштагонамон мақоле доштанд: «Чашми соҳиб кӯр аст». Баъзан вақт айбу ишколе дар асл дорем, вале онро худамон эҳсос намекунем ва дар чашмамон наменамояд. Шахсоне, ки айбҳоямонро ба мо мегӯянд монанди ҳамон палангҳое ҳастанд, ки бемориҳо ва заифиҳои моро аз байн мебаранд. Набояд аз рӯи кинаву бадбинӣ ҷабр карда, онҳоро аз байн бубарем. Баръакс бибинем ва бисанҷем, оё ҳамон айберо, ки бароямон эълом доштаанд, дар мо вуҷуд дорад ё не? Нагӯем, ки инро фалонӣ гуфт, ҳатман аз рӯи бадбинӣ мегӯяд. Аз рӯи мақоли «мангар, ки кӣ мегӯяд, бингар, ки чӣ мегӯяд» амал намуда, паиислоҳаш бикӯшем, то ҳам айби худамон бартараф шавад ва ҳам атрофиён аз ислоҳи камбуди мо хушҳол гарданд.

## Вохурӣ дар тобут

Парвин ба ин корхона муддати зиёдест, ба ҳайси роҳбар ба кор омадаст, вале пешрафти чашмрасе дар истеҳсолот ба назар намерасид. Дақиқан вазъият ҳамон тавре ки дар давраи раёсати роҳбари қаблӣ буд, боқӣ монд. На баланд бардоштани маош ва на дигар чораҳои ҳавасмандсозӣ корагари аҳволи зору ақибмондагии корхонаи замоне маъруфу машҳур нагаштанд, ки нагаштанд. Ҳамагӣ дар ҷустуҷӯи шахсе буданд, ки монеъи пешрафту муваффақияти корхона мегашт. Кӣ бошад ин

ландаҳури тайёрхӯр? Он яке ин якеро гунаҳгор медонист, дигаре он дигарро. Ҳатто, кор ба дараҷае расид, ки муфаттиши пуртаҷрибаеро вобаста гардониданд, то тафтише анҷом дода, муайян созад, ки кадом «холабеғам» корхонаи бонуфузро ба ин ҳоли зор овардааст? Вале бенатиҷа. То ин, ки рӯзе ...

Саҳар коргарон, вақте бо дили нохоҳам ба сари кор мерасиданд, нигаҳбон ҳар якеро огоҳ мекард, ки дар толори маҷлисгоҳи корхона ҷамъ шаванд.

– Чӣ гап шудааст? Тинҷист? – мепурсиданд ҳаросон.

– Одаме вафот кардааст, ки гунаҳгори асосии аҳволи табоҳи корхонаи дӯстдошта ва дар замони на чандон гузаштаи дур машҳурамон мебошад. Чун шахси бадкору бадхоҳе буд, раёсат қарор доданд, маросими ҷанозаашро дар маҷлисгоҳ баргузор кунанд, на дар хонаи шахсияш.

Оҳо, қиёмате қоим шуд. Ҳамагӣ беандоза хурсанд шуданд, ки тамом ҷонашон халос шуд.

«Чӣ олӣ, ки мурдааст», – мегуфт яке.

«Ҷонамон халос гашт аз шарраш.» – иброз медошт дигаре.

«Худо ҳеҷ гоҳ набахшадаш бадбахтро.»

«Эъ, Илоҳим дар дузахи ҳафтум бисӯзаде. Ин қадар ҷабрашро ба сари мо бор кард».

«Бар ҳафт пушташ лаънат» – эҳсоси нафрати дигаре низ ҷӯшид.

Ҳамагӣ бо шавқу рағбати зиёд ба сӯи маҷлисгоҳ раҳсипор гаштанд. Ҳаяҷони бузурге ба мардуми ҷамъомада ҳукмфармо буд. Ҳисси кунҷковишон фаротар аз он боло рафта.

«Чӣ касе бошад, ин хонасӯхта?» – ин суоле буд, ки зеҳну андешаи ҳар яки онҳоро машғул дошта, ба ҳадс задану тахмин кардан водорашон мекард.

«Чаро пеш аз маргаш нашинохтем, ки ҷазояшро ба таври сазовор бидиҳем, то ба дигарон намунаи ибрат гардад. Эҳ, акнун дер шуд, хеле дер шуд. Фақат ин, ки магар ба ҷазои Худованд гирифтор шавад.»

Вақте ҷумла кормандон дар маҷлигоҳ ҷамъ шуда, ба курсиҳо нишастанд, Парвин бо қиёфаи гирифтаву ғамгин ба эшон муроҷиат кард:

– Дӯстони гиромӣ. Айни ҳол ҷасади марҳумро ба саҳна меорем ва ҳар яки шумо

метавонед бо навбат омада, бо ӯ худоҳофизӣ намоед.

Ҳангоми ворид кардани тобут ҷунбише дар толор мушоҳида гашт. Мардум беқарорӣ мекарданд. Дигар сабру тоқатро кам-кам аз даст медоданд. Мехостанд ҳар чӣ зудтар рӯи ин одами гунаҳкорро бибинанд. Тобутро ба замин гузоштанд. Аввалин шахс аз ҷояш хеста, ба назди тобут рафт ва рӯи майитро кушода, нигоҳ кард. Моту мабҳут гашт. Бо қадамҳои сангин омада ба ҷояш нишаст. Дигарӣ низ бо шавқ рафт, барои рафъи кунҷковияш. Мисли шахси аввалӣ лолу пакар омад сари ҷояш. Ҳар кадоме, ки мерафт дидани марҳум ва рӯяшро мекушоду медид, мисли барқзадаҳо карахт мегашт, чунки интизораш ин аст, ки рӯи ношиносеро мебинад, вале аз дидани чеҳраи худаш ва навиштаҷоти даруни тобут як лаҳза дасту по гум мекунад. Меандешад, ки: «Худоё, маро ба назар намуд ё девона шудаам?»

Навиштаҷоти рӯи варақи сафед, чанд лаҳзае ӯро ба дарёи андеша фурӯ мебарад: «Ҳар шахс худаш монеи пешрафти худаш аст. То мо ин ишколро дар худамон бартараф накунем, касе наметавонад, моро пеш барад.»

Устодона даруни тобут оинаеро насб карда буданд, ки шахси нигоҳкунанда танҳо акси худро медид. Албатта, ин тадбири ғайриинтизор онҳоро чанд муддат аз сухан кардан бозмедошт.

Вақте ки ҳамаи аҳли маҷлис тобутро диданд, Парвин риштаи суханро ба даст гирифт:

– Умедворам баъд аз маҷлиси имрӯза ҳар кадоми мо хулосаи даркорӣ барорем. Бояд ба худамон иқрор кунем, ки танҳо худамон метавонем ба пешрафту муваффақиятамон латма занем. То худамон накӯшем, касе наметавонад моро ба пешравиҳо ноил гардонад. Мутаассифона, ҳамеша интизор дорем, ки дигарон бояд кор кунанд. «Бо як кори ман чӣ мешавад?» меандешем худ ба худ. Дар ҳоле ки корро ман, ту, дигаре бояд анҷом диҳад. Агар корамонро худамон мувофиқи табъи диламон анҷом надиҳем, каси дигар наметавонад, онро мувофиқ ба майлу хоҳиши мо иҷро намояд. Ҳар кас агар аз уҳдаи кораш бо осонӣ барояд, ҳоҷат ба такрор кардани он кор намемонад. Ободии ҳар як хона, ҳар як кӯча, ҳар як хиёбон, ҳар як деҳаву шаҳр ва дар охир Ватан дар дасти ҳар яки мост. Беҳуда намегӯянд: «Аз мост, ки

бар мост». Бояд ҳар кадоми мо бикӯшем, ки ба қадри тавону қудратамон дар ободию пешрафти корхонаву коргоҳамон саҳми худро бигузорем. Ободию пешрафт аз ҳамин чизҳои ҷузъию кучак оғоз мешавад. Сарчашмаи ҳамаи корҳои бузург муваффақият дар корҳои хурду назарногир аст. Шумо як ба пайдоиши дарёҳои бузург таваҷҷуҳ созед. Аввал шохобчаҳо кӯчак ҳастанд. Сипас калонтар мешаванд ва рафта-рафта ба шохаҳои калон пайваста дар охир ба дарёи бузургу паҳновар табдил меёбанд. Корҳои хурдро набояд бо чашми кам бинем. Ба онҳо бояд арзиш қоил бошем. Ва мутмаин бошем, ки рӯзе ин амалҳои назарногиру кӯчаки мо ба дарёи корҳои бузургу мондагоре мубаддал мегарданд.

## Гурбаи Мошон

Тирезаҳоро кушодам, то ҳавои тозаи баҳорӣ ба машомам бирасад. Аввалҳои моҳи март аст. Ҳавои сарди зимистона алаккай таронаи алвидоъашро хонда, ба қавли мақоли мардумӣ «ҷулу пустакаш»-ро, ки аз курпаи ғафси барфи сафед иборат буд, кайҳо ғундошта, бо шамоли сарди нарм охирин лаҳзаҳои ҳаёти яхинашро паси сар мекард. Аз тирезаи ошёнаи дуюм ба берун нигаристам. Ростӣ каме хаста будам. Чанд рӯзест, китоберо ба риштаи таҳрир мекашам. Вақтам хеле танг аст, боз якчанд корҳои нимколаи дигар дорам, ки интизорам ҳастанд. Аз ин рӯ шитоб дорам.

Истироҳатамро кам карда, корҳоямро метезонам.

Аҷаб ҳавое шудааст дар берун. Аз ҳавои тозаву соф чуқур-чуқур нафас кашидам. Мехоҳам ҳар як ҳуҷайраи баданам аз ин неъмати бебаҳои Худованд бенасиб намонад. Се-чор рӯз аст, ки ба берун набаромадаам. Боз ҳам айби вақт. Вақт нест, фурсат даст намедиҳад. То ҷашни Наврӯз ҳамаро тахт кардан лозим. Чунки ба аёдати волидайн бояд биравам. Дар иди Наврӯз онҳо ҳатман чашм ба роҳам мешаванд, ки: «Духтарамон меомада бошад?» Баъди ба наздашон расидан хушнудонаву ризомандона нидо мезананд, ки: «Ана духтарамон хабаргирӣ омад!»

Ба ёди падару модар дилам гум зад. Ба дарахтҳои сари роҳ, ки аз пушти хонаам мегузарад, чашм духта ғарқи андеша гаштам.

– Мяу, мяу.

Садои баланди гурба, ки аз айвони ҳамсоя, бо чашмони барқпош сӯям менигарист, маро лаҳзае аз олами афкорам берун овард. Гурба шинос ба назарам омад. Хеле шинос. Гӯё дар кӯҷое ин гурбаро дидаам. Шаклу рангаш хеле ширину ошно.

«Дар куҷо ман ин гурбаро дида бошам?» – ба худ андешидам. Аммо ҳеҷ дар лавҳи хотирам намегузашт.

– Охир ин гурбаи ҳамсоя ҳаст, шояд дар ҳамин атрофи бино онро дида бошам. Не, ин гурба дӯсти кӯҳна барин. Гӯё солҳост, ӯро мешиносам. Солҳои зиёд. Ангор аз кӯдакиям бо ӯ ошноям.

Боз каме майнаамро об кардам. Аслан, ин гурбаи ҳамсоя, ки палангчаи кӯчакро мемонд, бароям он қадар муҳим набуд. Муҳим чизи дигарест. Ин гурба мисли шиноси деринаам ба назар меояд. Аммо ин ҳайвончаи зеборо ду-се солаш беш нест. Пас чаро аз зеҳни ман гузашт, ки ӯро солҳои сол, аз тифлиям мешиносам? Оҳо, ана нав ба ёдам расид! Вай охир ба гурбаи раҳматии мо шабеҳ аст. Сад дар сад монанд. Гӯё он гурбаи худамон аст. Аз ҳамон айёми тифлӣ. Гурбаи хонаи падарӣ. Гурбаи зебое, ки ҳама дӯсташ медоштанд. Боз баргаштам ба олами гулрезу пурнакҳати тифлию наврасӣ. Ин дафъа амиқтар ба парвоз омад рӯҳи пурхурӯшам, рӯҳи сармаст аз насими гулбези

баҳорӣ. Рафтам ба дунёе, ки ҳамеша боиси шодию сурурам мегашт. Дунёе, ки ҳар лаҳзаи он ҷо буданамро ба ҳама моли дунё намедиҳам.

Падар бо модар машварат мекард.

– Мегӯм занак, як пишак барои хона даркор аст.

– Охир дар ҳамин гирду атрофи хона аз дасти пишакҳои дайду на мурғамон мондаасту на чуҷа. Ҳамаро duздидаву бурда хурдаанд. Боз биёрем яктаи ҳамонҳоро дар болои ҷонмон бипарваронем?

– Не занак. Пишакҳои дайду дигаранду онеро, ки худат тарбияву таълим медиҳӣ дигар аст. Рамузи хонаро ёдаш медиҳӣ тамом, олам гулистон.

– Ҳамин пишак гуфтаниро дар хона ман он қадар дӯст намедорам мардак. Феъли бад доранд.

– Чӣ феъли бад?

– Дар ҳама чӣ, косаву табақ фӯк мезананд. Ҳамаро макруҳ мекунанд. Дигар коре кун, ки ҳамсояву хешу табор нонамонро нахӯранд.

– Ҳе занаки сода. Гуфтам, ку бояд таълимаш бидиҳем, одам мешава.

– Одамҳоро солҳои сол таълим медиҳанду одам намешаванд, ту мехоҳӣ ҳайвонро таълим дода одам бикунӣ? – паст намеомад модар.

– Даркорай занак, дар хона як пишак даркорай. Ҳамаи гандуму шолиро мушҳои гизала тухму торашонро баровардаанд. Сояи пишакро дар хона бинанд, дигар ҷуръат намекунанд, ки ин хел бедодиву беинсофиро давом бидиҳанд. Гап тамом. Пишак мегирем гуфтам, пишак мегирем! Бачаҳо саҳар шумо канӣ дар қишлоқ пурсон шавед, ягон пишакбача ёфт мекунед? – хулоса кард падар.

– Пишакча? Майлаш, гап нест атаҷон, гап нест! – хурсандии бачаҳоро ҳадду канор набуд.

Рӯзи дигар як пишакчаи хурдакак рӯи ҳавлӣ ларзон-ларзон қадам мегузошт. Тамоми аҳли хонаводa таваҷҷуҳаш мекарданд. Яке косаи шир наздаш мегузошт, дигарӣ косаи об, яке мағзи нонаш медод, дигарӣ дасти навозиш бар сараш мекашид. Аммо модари хонадон нисбаташ беэътино буд. Гӯё вуҷуди чунин

ҷонваре дар хона барояш аҳамияте надошт. Аслан нигоҳаш намекард, вале ҳамин, ки ягон кори хилоф карданӣ мешуд, чашми тезбини модар ӯро медид:

– Ку худатро аз назарм дур кун, беадаб!

Гурбача тарсида зуд ба як канори хона медавид ва аз назар худашро нопадид мекард. Ҳамин тавр чанд лаҳза сипарӣ мегашт. Нигоҳ мекард, ҳамин, ки ҳоли модар хуш мешуд боз дар давру бари онҳо пайдо мегашт.

Баъди чандин вақт гурбачаи кӯчаки мо ба як гурбаи хушқаду қомат ва калоне мубаддал гашт. Чӣ тавре ки падар ҳадс мезад, дигар ягон мушак ҷуръат намекард ба даври хона гузар намояд, чӣ расад ба он, ки дар ҳавлӣ ё хона гаштугузор намоянд, нағмаҳое кунанд, моли хонаро ба яғмо баранд. Гурба ҳокими мутлақи хона гашта буд. Хонавода низ хеле дӯсташ медоштанд, ҳар нозашро ба ҷон мехариданд. Ин хона бароят биҳиште буд, ки гурбаҳои дигари дайдуву бехонаву дар, ҳатто, дар хоби шабашон наметавонистанд чунин зиндагиеро барои худ тасаввур намоянд.

Инсофан, гурба ҳам аҷаб гурбае буд. Аслан бигирем, айнан мисли паланг буд, фақат андозааш хурд, яъне палангча! Пашми баданаш рах-рахи сиёҳу зарди моил ба сурхча, вале шикамаш сап-сафед, дасту пойҳояш сафед. Ҳеҷ гоҳ надида будам, ки дар ҷойҳои сафеди баданаш доғе, касифие дошта бошад. Ҳамеша тоза буд. Албатта, мо ҳам дар тозагии гурба саҳмгузор будем. Ҳар вақт либосшӯйӣ ё саршӯйӣ мекардем, ҳатман гурбаро низ мешӯстем. Бо собуну шампуни худамон, то хушбӯву тамиз гардад, то мабодо рафиқону дӯстонаш нагӯянд, соҳибонат туро нигоҳубин намекунанд, чиркинак ҳастӣ. Боре барои боз ҳам зеботар шуданаш ману бародарам коре кардем. Гурба ба назари мо хеле зебо буд, аммо ҳамин бурутҳои баландаш фикр кардем, як каме ӯро калонсол ба назар нишон медиҳад. Охир, гурбаи нози мо ҳануз муҷаррад буд, метарсидем, ки пир шудааст, ин мардаки бурутдор аст, гуфта духтардорҳо ба ӯ гурбадухтарашонро ба занӣ надиҳанд. Аз ин рӯ барои тағйири «имидж»-и гурба тасмим гирифтем.

Аз бурутҳояш шурӯъ карда ҳар кучое, ки пашми баданаш баланд буд, қайчӣ задем. Яъне, орову торояш дода, шаклу сураташро ба таври худ дуруст кардем. Аммо дар танбеҳи падар гирифтор шудем.

– Ата, нигоҳ кунед, мо имрӯз Мошонро «фасон» кардем – хушҳолона расондемаш.

– Ай, ин бурутҳояш ку? – ҳайрон пурсид.

– Мо қайчӣ задемаш.

– Наход бурутҳои гурбаро бибуред? Аз кӣ пурсидед?

– Охир шумо ҳам бурутҳоятонро қайчӣ мезанед, ку?

– Ман одамам, байни инсону ҳайвон фарқи калонест. Бурутҳо барои гурба нақши калон дорад, вазифаи «антена»-ро ичро мекунад. Акнун ин бадбахт бе бурутҳояш чӣ кор мекунад?

– ...-мо чавобе надоштем ва гунаҳкорона сар хам кардем.

– Дигар такрор нашавад, фаҳмидед?

– Майлаш, дигар намекунем, – ваъда додем.

Нозу ширин буд Мошон. Рафторҳои ҷолибу дилнишин мекард, то худашро дар дили ҳама ҷо кунад. Чун бачаҳо дар дастрасияшон бошад, зиёд азияташ мекарданд, ҳамеша ҷои хоби Мошон болои тахти курпаҳо буд, зеро дар он баландӣ дасти бачаҳо намерасид ва аз навозишҳои бамавриду бемавридашон дар амон буд. Аҷаб хоби ширину бароҳате мекард, ҳаваси кас меояд. Аввал ҳалқа зада мехобид, баъди камтар вақт ба пушт мехобид, ки шикамаш намоишкорона сафедӣ мекард. Ё як дасташро ба рӯяш гузошта мехобид, гӯё чашмонашро аз рушноӣ ҳифз мекард. Аз хоб бедор шудан баробар ором-ором поин мешуд, яктаякта қадам партофта меомад назди ман ё падарам ё бародарон ва як «мяу» мегуфт. Оҳистаоҳиста ба ҷалби таваҷҷуҳи ҳозирон шурӯъ мекард. Думашро баланд карда, хур-хуркунон худашро ба баданамон мемолид. Ҳатман навозише подош гирифта, мерафт аз пайи корҳояш. Аммо бо модарам ҷуръат намекард ин гуна рафтор намояд. Чун модарам зуд ӯро аз раъяш мегардонд.

– Наё пеши ман!

Аҷоибаш ин буд, ки бо як бор гуфтан мефаҳмид ва итоат мекард. Мешуд, ки мо, бачаҳояш, баъзан вақт ба гуфтаҳои модарам итоат намекардем, вале боре надидам, ки Мошон сарпечӣ карда бошад. Дар дилам мегуфтам, ки агар хуб тарбия кунӣ, ҳайвон ҳам одам мешудааст, яъне, тарбияи инсонӣ мегирифтааст.

Аммо вақтҳои охир Мошон бисёр мекӯшид ба модарам маъқул шавад. Аз рафторҳояш бармало намоён буд талошҳояш.

Як нисфишаб доду фиғони модарам ҳамаро ба по хезонд. Чӣ гап бошад? Худоё, касал нашуда бошанд? – ҳайрон будем. Зуд сӯи хонаи хобашон давидем. Вақте ворид шудем, Мошон дар кунҷе гунаҳкорона, сар хам карда нишаста буду модарам ӯро ҷанг мекард.

– Хай шуд, бисёр сахташ нагир! Мошони бечора ин қадар туро дӯст медораду ту бошӣ, ӯро меранҷонӣ – падар тарафи гурбаро гирифтанӣ шуд.

– Ман безорам аз дӯстдориш, ҳамин ҳам

дӯстдорӣ шуд? Нимишабӣ маро дар хобӣ ширинам талхакаф кард, – паст намеомад модар.

– Хай, намекунад, ки омада дар бағали ман бихобад? Меҳраш ки ба ту бисёр аст, омада дар бағалат хобидааст, – гапро ба шухӣ бурданӣ шуд падар.

– Сахт тарсидам, аташ, беҳад сахт тарсидам. Як нафаси гарм ба рӯям расид, бедор шуда нигоҳ кардам, аммо дар торикӣ чизе ба чашмам натофт. Даст-даст кардам, ки яке дастам ба як чизи мулоими пашмин расид, талхакаф шудам, ки эҳ, Худо, ин чӣ бошад, ягон бало бошад? Дилам қариб аз кор монд, – гила мекард модарам, ки аз рафтори Мошон ранҷида буд.

Модар хӯроки шом мекашид. Як лаълиро ба замин гузоштан замон Мошон давида омада онро бӯ кашид. Ва ҳамин лаҳза зарбаи химчаро аз дасти модарам хӯрда, гурехта, ба таги ҷевони либосҳо даромада пинҳон шуд. Хеле ҳайрон шудем, ки чаро Мошон ин гуна рафтор кард? Чунки Мошон аз рӯйи тарбияи модарам одат надошт ба косаву табақ даҳон бизанад.

Чизеро дар пешаш мегузоштем мехӯрд, косаву лаълии хоси худашро дошт. Машғули хӯрдани шом будем. Нохост «мяу» гуфт. Падарам нигоҳаш карду гуфт:

– Биё, гушнайӣ? Биё, ягон чиз бухӯр.

Мошон аз таги ҷевон намоён шуд. Нигоҳаш ба нигоҳи модарам бархурду истод. Рӯи ду пои қафояш нишаста, бо чашмони бечорааш ба падарам нигоҳи мазлумонае кард. Падарам дилсӯзона гуфт:

– Биё охир, чаро истодаӣ? Мошон як назар ба модарам карду боз нигоҳашро ба сӯи падарам гардонд.

– Эъ бача, ту чӣ хел мардакӣ, ин хел тарсончак набудӣ-ку? Биё, охир, ягон чизат бидиҳем, бихӯр. Мошон як қадам бардошт. Оҳиста як гом пеш омад, вале чашмашро аз модарам намеканд. Қадами дуюмро гузоштан замон модарам садо дод:

– Ку, қафо бигард, беадаб, ту имрӯз бояд ҷазо бигирӣ.

– Эъ, очаш, ҳамин бечорароро ту ғам додида. Туро хӯрдан мефора ира намефора?

– Ман барои хӯрданаш намегӯям, имрӯз «нарушений»-и сахт кард, бояд танбеҳ шавад.

– Чӣ кор кард?

– *Лаъли*ро фӯк зад.

– О, ин *лаъли*тон мисли *лаъли*и Мошон аст, гулҳояшро бин, монанд, бечора фикр кардааст, ки хӯрокаш додаӣ, барои ҳамин давида фӯк задааст. Ин Мошони мо доноча аст-ку, ба ҳар косаву табақ кордор намешавад.

– Эъ, вой рост мегӯйӣ, *лаъли*и ҳамсоя аст, мехостам хӯрок кашида ба онҳо низ равон кунам, – қаҳри модар каме паст шуд.

Айёми баҳорон буд. Падарам аз мо пурсид:

– Мошонро надидед?

– Не, ата надидем.

– Намедонам куҷо рафтааст, чанд вақт шуд ба чашмам наметобад...

Чанд рӯзи интизории дигар низ аз Мошон дарак нашуд. Албатта, дар ин байн мо ҳам даст болои даст нанишастем ва тамоми қишлоқро ҷустуҷӯ кардем, аммо бефоида, аз Мошонамон хабаре наёфтем. Гӯё ба қаъри замин фурӯ рафта буд.

Рӯзҳо мегузаштанд. Боре модарам гуфтанд:

– Гурбаеро дидам, мисли Мошон буд, хеле атрофи хона чархид, вале боз нопадид гашт. Фикр кардем монанд кардаанд. Агар он гурба Мошони мо мебуд, ҳатман дар хона мемонд, моро медид. На, вай Мошон набудааст. Мошони моро яқин касе дуздидааст, чун хеле гурбаи нозу доно ва дилрабо буд. Ҳама аҳли хонадон ёдаш карда будем. Ростӣ, диламон барояш гум мезад. Бисёр мехостем наздамон бошаду навозишаш кунем, садои хур-хурашро бишнавем, атрофамон бичархад ва аз мо талаб кунад, ки сарашро сила кунем. Ин ормонҳо дар диламон ҷӯш мезад, вале ҳайҳот, Мошоне набуд, ки онҳоро амалӣ кунем. Ҳатто, модарам, ки ҳамеша чашми диданашро надошт, оҳиста-оҳиста Мошон мегуфтагӣ шуд.

– Аҷаб ҷонвари бевафо будааст-да! Наход ҳамаро партофта равӣ!

– Очаҷон, охир шумо ӯро бад медидед-ку! Ёдаш кардед магар?

– Ман бадаш намедидам, ба таври худам

дӯсташ медоштам, вале намегузоштам, ки зиёд эрка шавад. Дар хонадон бояд як нафар сиёсат дошта бошад, чи барои ҳайвони хона, чи барои аҳли хонадон. Шумо бисёр бардор-бардораш мекарден, ман маҷбур будам, ки худамро ҷиддӣ бигирам.

Хабар омад, ки ҳамсояамон Мошонро ҳамроҳи як гурбаи дигар дидааст. Боз бо ҳамин чанд муддат дар борааш чизе нашунидем. Хомушӣ буд. Аммо хомуширо худи Мошон шикаст. Рӯзе аз болои девори ошхона нигоҳи чашмони дурахшонашро дида, падарам ӯро шинохт ва мисле, ки яке аз фарзандонашро дербоз надида бошад:

– А, бача, биё, ку! Дар кучоҳо мегардӣ? Биё-биё садқаи қадамот, ёдат кардем. Э, мардум Мошон омадай, Мошонамон!

Ҳама давида рӯи ҳавлӣ баромадем. Мошон аз рӯи девор оҳиста поин фаромад. Назди падарам омад. Падар сарашро сила карда гуфт:

– Бача, бемеҳр шудаӣ!

Мошон «мяу» гуфта ба пушташ нигарист.

Ҳамагӣ дида ба он тараф дӯхтем. Як гурба бо чанд гурбачаи дигар давон-давон наздаш расиданд. Бо аҳли оилааш хабаргириямон омадаст! Чӣ қадар хурсанд шудем. Аз хурсандӣ дар курта намеғунҷидем. Модарам бо шухӣ гуфтанд:

– Тӯя тоқа хӯрдӣ, Мошон? Ақаллан як бор ҳам биёед, нагуфтӣ, ҳа?

Хандаи аҳли хонадон ба осмон печид. Аммо баъди чанд вақт боз дар чеҳраҳои мо ғам соя афканд, чун Мошон таркамон кард. Ҳамон тавр ногаҳонӣ, мисли омаданҳояш. Таъми озодиро чашид. Дар даҳонаш мазза дод магар, ки дигар нахост ба хонааш, ба макони ҳамешигияш, ки биҳиштро мемонд, баргардад. Озодиро аз ҳама нӯшу неъмати дунё авлотар донист Мошони мо.

Мо баъди Мошони аввалӣ чандин Мошони дигар доштем, вале меҳри он Мошон дигар буд. Ёдат ба хайр, ҷонвари хубамон.

## Пасгуфтор

Қурбонова Дилафрӯз Авазовна 2 июли соли 1981 дар деҳаи Душанбеи ноҳияи Фархор дида ба олами ҳастӣ кушодааст. Айёми тифлию наврасияшро дар ҳамон ҷо паси сар кардааст. Пас аз хатми мактаби миёнаи рақами №52 ба омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб ҳуҷҷат супорида, пас аз таҳсил соҳибихтисос мегардад. Барои идома додани таҳсил, ба пойтахти кишвар – Душанбе раҳсипор мешавад. Дар Донишгоҳи давлатии ҳунарҳои зебои ба номи М. Турсунзода дохил шуда, ҳамзамон дар ансамбли эстрадии «Гулшан» ба фаъолия-

ти сарояндагӣ шурӯъ мекунад. Дар ҷамъомадҳову чорабиниҳои давлатӣ ширкати фаъолона менамояд. Новобаста ба душвориҳои донишҷӯӣ чанд суруду оҳанг сабт кардаву ба навор мегирад. Дар барномаҳои театрӣ низ худашро санҷида, нақшофарӣ намудааст.

Баъди хонадоршавӣ, худашро ба оила мебахшад ва саҳнаи ҳунарро ба тамом тарк намуда, канор меравад. Бо амри тақдир чандин сол дар Федератсияи Россия кору зиндагӣ кардааст. Оиладор, соҳиби се фарзанд.

Аз хурдӣ ба шеъру достон, назму наср, хулоса ба адабиёти клоссику муосир шавқу рағбати беандоза дошт. Орзуи аҳли фарҳангу соҳибқалам шуданро дар дил мепарварид, зеро волидайни фарҳангдӯстдораш ӯро дар як муҳите ба воя мерасонданд, ки саршор аз илму адаб, накҳати хирад ва атри нафиси камолот буд. Ҳанӯз хонандаи синфи панҷум буд, ки шеъргунаҳоеро аз эҷоди хеш ба як дафтар ҷамъ оварда, мутаасифона, онро аз даст медиҳад. Ба сабаби ин зарба дигар аз навиштан даст мекашад, вале ҳеҷ гоҳ аз олами зебои адабиёту фарҳанг дур набуда. Чандин муддат

аст, бо пеш омадани шароити мусоид қаламро дӯсту ҳамнафаси хеш қарор дода, ба навиштани дилнавиштаҳо машғул аст. Мусоҳибаву мақолаҳо, достонҳову ҳикояҳояш дар матбуоти даврӣ, аз ҷумла «Фирӯза», «Адабиёт ва Санъат», «Ҷумҳурият», «Ҷавонони Тоҷикистон», «Чархи гардун», «Оила», «Дишидак», «Роҳнамои хонавода» ва ғайра пайваста рӯи чоп меоянд. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ низ иштироки фаъолона дошта, мекӯшад дар фазои маҷозӣ низ рисолати адиб буданро сарбаландона анҷом диҳад.

Забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва хатти форсиро мусаллат буда, ба корҳои тарҷумавию баргардонӣ низ машғул аст. Айни ҳол дар баҳри беканору маввоҷи «Адабиёт» бо заврақи сухан ба шиноварӣ машғул мебошад. Умед бар он мебандад, ки дар ҷодаи фарҳангу адабиёти кишвар заҳмат кашида, ба халқи азизу сарбаландаш хидмати шоёнеро ба анҷом бирасонад.

КИТОБ БО ТАМҒАИ НАШРИЁТИ
«АДИБ» ЧОП ШУДААСТ

**Феҳрист:**

ПЕШГУФТОР ........ 3
Ассалому алайкум ........ 9
Китоби орзу ........ 15
Ангуштарӣ ........ 21
Аҷаб зебост ........ 39
Офатат бизанад илоҳим ........ 43
«Свидания» дар лифт ........ 51
Меҳри модарӣ ........ 57
Хидмати бепул ........ 63
Худо туро бибахшад ........ 67
Холаи Садафмо ........ 83
Панди боғбон ........ 91
Оина ........ 95
Вохурӣ дар тобут ........ 101
Гурбаи мошон ........ 107
Пасгуфтор ........ 123

## کتاب آرزوها

چند ورق پاره شده کتاب را که ناگهان به دستش افتاده بـود « از بی‌کاری کدو کاری» گفته چشم دواند خواند و دیگر مفتون شـده تـا آخرین پاره‌اش خواند. امّا در جای خیلی جالـب ورق‌هـا تمـام شـدند. دنبال دوام کتاب گشت ولی بی فایده. مقصود به دست نیآمـد...وقتـی که بزرگ شد مقصد گذاشت تا این قصه را خودش نویسد لیکن طبـع دلش نیآمد.

از خُردی عاشق کتاب بودم. کتاب همیشـه یـک جـزء جداناپـذیر زندگیم بوده، هست و انشاالله خواهد ماند. بی‌کتاب، بی‌علم و معرفـت حیات انسانی بی‌نور و کم‌رنگ است صفایی ندارد، معنایی ندارد.

کتابی که در دست دارید از چند حکایه که هر کدام منشاء واقعـی دارند عبـارت اسـت. کـلّ نوشـته‌هـا در مطبوعـات و فضـای مجـازی پیشکش خوانندگان شده و مورد استقبال زیاد قـرار گرفتـه اسـت. از این رو تصمیم گرفتم تا در شکل مجموعه‌ای آن را درآورده به دوست داران کلام بدیع برسانم.

*دل افروز قربانی*

بسم الله الرحمن الرحیم

# کتاب آرزوها

## دل نوشته‌های دل تاجیک

مولف: **دل‌افروز قربانی**

طراحی جلد: **رامش شیرعلی**

لیتوگرافی، چاپ و صحافی:

نوبت چاپ: **اول 1393ه.ش/2014 م**

شمارگان:**500 جلد**